# Пешгуфтор

Мо хурсандем, ки шумо барои омӯзиши Китоби Муқаддас шавқ доред. Курсҳои ғоибонаи «Аммоус» муқаддимаи хуби Китоби Муқаддас мебошанд ва қадам ба қадам шуморо дар роҳи дарки ҳақиқатҳои бузурги он ҳамроҳӣ хоҳанд кард.

Ба шумо зиёда аз 20 китобҳои дарсӣ пешкаш карда мешаванд, ки дар онҳо ҳақиқатҳои муҳими Китоби Муқаддас, китобҳои Паймони Навин ва дигар мавзӯъҳо таҳлил карда мешаванд.

Мақсади мо – ба шумо ёрӣ додан барои расидан ба он ҳудудест, ки ба воситаи муносибатҳои шахсӣ бо Исои Масеҳ барои ҷалоли Худо зистанро оғоз мекунед. Касе набояд худро одами бетолеъ ҳис кунад: мо барои пирӯзӣ зода шудаем. Аз чӣ сар кунем? Касе инро чунин баён намудааст: «Аз пайраҳаҳои тираву тори гуноҳ роҳи бозгашт сӯи Худо ҳаст. Дари кушода ҳаст, то ки ту даромада тавонӣ. Ҳангоме чун гуноҳкор назди Исо меоӣ, дар назди салиби Ҷолҷолто ибтидои нави худро пайдо мекунӣ».

Корҳои шуморо аз рӯи яке аз мавзӯъҳои пешниҳодшуда тафтиш намуда ва баҳо дода, ба шумо гувоҳнома, ки оиди хатми ин курс шаҳодат медиҳад (ба шарте ки ҷавобҳои дуруст на камтар аз 60 фоизро ташкил диҳанд), ва инчунин маводи курси ояндаро мефиристем.

Ҳангоме шумо 12 курси аввалро бо муваффақият меомӯзед, ба шумо «Диплом» дода мешавад. Ба шумо маслиҳат дода мешавад, ки ҳам гувоҳномаҳо ва диплом, ҳам ҳамаи китобҳоро нигоҳ доред, чунки дар оянда онҳо ба шумо лозим меоянд.

## Омӯзишро чӣ гуна ташкил бояд кард

Ба Худо бо дуо муроҷиат кунед, то дилатон барои дарки ҳақиқатҳое ки Ӯ ба воситаи Каломи Худ меомӯзонад, кушода шавад.

Дар давоми омӯзиши ҳар курси ғоибона шумо мустақилона кор мекунед, чунки омӯзиш ҳама вақт кори мустақилона аст. Барои ҳамин, ҳатто агар инро на он қадар хоҳед ҳам, аз аввал худро ба он тайёр кунед, ки курсро аз аввал то охир омӯзед. Маҳз дар натиҷаи омӯзиши хонагии Китоби Муқаддас бисёр одамон ба Худо хеле беҳтар хизмат карданро оғоз намуданд.

## Маълумоти умумӣ

Ҳар як дарс якчанд саҳифаи маводи дарсӣ ва маҷмӯи саволҳои имтиҳониро дар бар мегирад. Вазифаи шумо аз он иборат аст ки маводи дарсиро дар китоби таълимӣ бо диққат омӯзед, матни мувофиқро аз Китоби Муқаддас хонед, ва баъд кӯшиш карда, ба саволҳо аз дафтари имтиҳонӣ ҷавоб гӯед.

Ҳамаи дарсҳоро омӯхта ва вазифаҳоро дар дафтари имтиҳонӣ иҷро намуда, онро барои тафтиш ба суроғаи муайян фиристед. Дар ҷавоб ба шумо маводи имтиҳонии аз тарафи дастурдиҳанда тафтишшуда бо мулоҳизаҳо ва нишондодҳои иловагӣ фиристода мешавад, ки ба шумо барои кори минбаъда ёрӣ мерасонад. Онҳоро бо диққат дида баромада, ба ҷавобҳои саволҳое ки барои шумо мушкил буданд, аҳамият диҳед. Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳар як дарси гузашта ба шумо фаҳмо буд. Агар дар охири курсҳо саволҳо пайдо кунед, оиди ин ба дастурдиҳандаи худ мурочиат намоед. Муҳим аст, ки шумо то охир тамоми маводи дарсии курсро аз худ кунед.

## Методҳои омӯзиш

*1. Ҷадвал тартиб диҳед*

Барои бо муваффақият омӯхтани курси ғоибона муайян кунед, ки чанд соат дар як ҳафта ба омӯзиш машғул мешавед. Мо бо исрор аз шумо хоҳиш менамоем, ки на камтар аз се соат дар як ҳафта ба омӯзиш машғул шавед. Ба омӯзиш ҳар қадар бештар вақт ҷудо кунед, ҳамон қадар курс бароятон таъсирбахштар хоҳад шуд.

Дар ин курсҳо мунтазамӣ аҳамияти калон дорад. Байни омӯзиши дарсҳо  фосилаҳои зиёдро нагузоред. Ва аз ҳама муҳим ягон дарсро наомӯхта нагузоред! Ҳамин ки шумо дарсҳоро ба вақти дигар гузоред ё сарфи назар кунед, боз аз нав баргаштан мушкилтар хоҳад шуд.

*2. Хонед ва кӯшиш намоед, то хондагиатонро дарк намоед*

Инак якчанд маслиҳатҳое ки метавонанд ба шумо даркор шаванд.

Бо дуо сар кунед ва аз Худо хоҳиш намоед, то дили шуморо барои он ҳақиқатҳои Каломаш, ки ба воситаи он шуморо меомӯзонад, кушояд (Забур 118:18). Ба омӯзиши курс сар карда, пеш аз ҳама мавзӯъҳои дарсҳоро дида бароед. Сипас, камаш ду

маротиба, маводи дарсиро бо диққат омӯзед – як бор барои тасаввуроти умумӣ пайдо кардан, ва баъд боандеша, саросема нашуда, бори дигар. Диққати махсусро ба порчаҳои Китоби Муқаддас диҳед. *Хондан ва омӯзиши Каломи Худо – худ аз худ муҳим аст ва махсусан – ҳамчун қисми таркибии дарс.*

Маводи дарсиро омӯхта, дар ҳар як банд фикрҳо, калимаҳо ва ибораҳои асосиро қайд намоед. Ин лаҳзаҳои муҳим зуд-зуд дар шакли ҷамъбастӣ дар охири ҳар як дарс вомехӯранд. Ба ин аҳамият диҳед. Дар ҳар як ҳошия қайдҳо гузоред, ки ҳангоме аз нав ба матн бармегардед, ба шумо ёрӣ хоҳанд расонд. Маводи дарсиро бо матни Китоби Муқаддас муқоиса намоед.

Дар матни дарс истилоҳҳои мушкил маънидод карда шудаанд. Ба ғайр аз ин калимаҳое вохӯрда метавонанд, ки ба шумо тамоман ношиносанд. Дар ин ҳолат аз ягон луғатномаи хуб истифода баред.

*3. Боғайрат бошед*

Мувофиқи ҷадвалатон омӯзиши мунтазами худро давом диҳед. Бигзор хатоҳоятон шуморо безобита накунанд – муҳим он аст, ки шумо аз онҳо дарси ибрат гиред. Имтиҳон бо пуррагӣ нишон хоҳад дод, ки шумо маводи омӯхтаатонро то чӣ андоза омӯхтед.

Оқилона истифода бурдани вақти худро омӯзед. Онро барои дида баромадан ва ба хотир гирифтани маводи дарсӣ дареғ надоред, чунки он метавонист беҳуда гузарад!

*4. Диққати худро барои ба даст овардани мақсади охирин равона кунед*

Ҳамчун донишҷӯи курсҳои ғоибонаи «Аммоус» шумо ба лашкари якчандмиллионаи одамоне медароед, ки худро ба омӯзиши хонагии Китоби Муқаддас бахшидаанд. Ба бисёриҳо ин курсҳо роҳи ҷиддии хизмати Худоро кушодаанд. Ҳаёти нави шумо дар Масеҳ бояд фикрҳо, сӯҳбатҳо ва рафтори ҳаррӯзаатонро дигаргун намояд. Ин курс ёрӣ медиҳад, то дуруст фаҳмед, ки ҳаёти нави шумо дар Масеҳ метавонад ба ҳама гуна қарорҳоятон таъсир расонад. Шумо бояд ҳис кунед, ки имонатон зинда аст, ва он бояд дар корҳои нек аён бошад!

## Шумо мавзӯъҳои зеринро омӯхта метавонед:

1. Ман гуноҳ кардам, акнун чӣ мешавад?
2. Худоё, Ту чӣ қадар бузургӣ!
3. Каломи Туро дар дили худ ҷой додам.
4. Имон дар амалҳо.
5. Гап зан, Худоё, зеро ки бандаат гӯш мекунад.
6. Шахсияти Масеҳ.
7. Дар омӯзиш.
8. Ба ҳамаи офаридаҳо.
9. Ман, пулҳоям ва Худо.
10. Мард, зан ва Худо.
11. Хона! Дурахши осмонҳо.
12. Роҳи Худро ба ман ошкор намо, эй Худованд.

**ДАРСИ 1**

# Ман гуноҳ кардам, акнун чӣ мешавад?

## Сабабҳои бозгашт ба рафтори дунявӣ

(бозгашт ба одатҳо ва гуноҳҳои бади пештара)

Шахси навимон худро аз бозгашт ба тарзи зиндагии пештара нигоҳ дошта метавонад. Худо ба мо «ҳамаи чизҳои барои ҳаёт ва парҳезгорӣ зарурро бахшидааст» (2Петрус 1:3). Агар мо гуноҳ кунем, хурсандии мушоракат бо Худоро аз даст медиҳем, ва ба ин худамон айбдорем.

Аммо мо бояд сабабҳои бозгашт ба тарзи зиндагии пештара ва воситаҳои барқарор кардани тарзи зиндагии навро донем. Ин ёрӣ медиҳад, то худамон ба одатҳои кӯҳна барнагардем ва ба дигар касон, ки бо ин мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ёрӣ диҳем.

Бозгашт ба одатҳои пештара аз чӣ сар мешавад? Одатан ин раванд ногоҳ пайдо намешавад, балки дер давом мекунад. Ҳаловатҳои оддии одамӣ метавонанд омӯзиши Китоби Муқаддас ва дуоро аз зиндагии мо танг карда бароранд. Гуноҳи ниҳонӣ ҳисси фарқ кунондани неку бадро хомӯш карда метавонад. Мо қадам ба қадам ба васвасаҳои ин ҷаҳон, ҷисм ва шайтон дода мешавем. Мо оиди Масеҳ ошкоро гап намезанем ва ба зудӣ аз атрофиён умуман фарқ намекунем. Мушоҳида кунед, ки ин

раванд дар зиндагии Шимшӯн  (Доварон 14 – 16); Элимелех (Рут 1:1-5) ва Петрус (Луқо 22:54-62) чӣ гуна мегузашт.

## Симои шахсе, ки ба тарзи зиндагии пештара гузаштааст

Сифатҳое ҳастанд, ки дар шахси аз Худованд дуршуда равшан намоён мебошанд.

1. Ӯ дигар ба Китоби Муқаддас ва дуо шавқ надорад, чун беморе ки иштиҳо надорад (1Қӯринтиён 3:1-2).
2. Ӯ бо шахсоне ки Худовандро дӯст медоранд, вақт гузарондан намехоҳад. Ӯ бо роҳи худ меравад. Парастиш дар ҷамоат ба ӯ шодӣ намеоварад – ӯ ба ҷамоат барои он меравад, ки ҳолати дарунии худро пинҳон дорад (2Тимотиюс 4:10).
3. Ӯ рӯҳан инкишоф ёфтан намехоҳад. Инкишоф дар файз барои ӯ акнун раванди на он қадар муҳим аст (Ибриён 5:12).
4. Ӯ чунин меҳисобад, ки бе Худо хуб зиста метавонад. Ӯ мехоҳад худаш нақшаҳояшро созад ва мувофиқи хости худ зиндагӣ кунад (Яъқуб 4:14).
5. Ӯ бадбахт аст. Ӯ метавонад чунон рафтор намояд, ки гӯё хушбахттар аз ӯ касе нест, аммо дар асл шахсе ки аз имон гаштааст, бадбахт аст. Агар шахс дар он ҳаёте ки Худовандро шод намегардонад, *худро хушбахт ҳис кунад*, бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки ӯ аз олами боло зода нашудааст (Забур 50:12).
6. Ӯ ҳамеша ба камбудиҳои дигарон ишора мекунад. Ӯ намефаҳмад, ки худаш дар бадбахтии худ айбдор аст, ва дӯстонро дар ин айбдор мекунад. Ин қиссаи пирамардеро ба ёд меоварад, ки дар рӯзи гарм зери дарахт хоб рафта буд. Ҳангоме ки ӯ хоб буд, бачаҳои деҳа ба риши ӯ панири бадбӯеро молиданд, ва ӯ баъди бедор шудан мегуфт, ки тамоми ҷаҳон бадбӯй шудааст. Шахси азимонгашта низ тақрибан ҳамин тавр рафтор мекунад (Матто 7:3).
7. Ӯ ҳамеша барои сафед кардани худ баҳона мeёбад. Ӯ мегӯяд, ки одамон нисбати ӯ ноинсофӣ мекунанд, ва ҳама зидди ӯ мебошанд. Ӯ худро аз дигар масеҳиён рӯҳонитар меҳисобад (Малокӣ 2:17).

Гоҳо метавонад чунин тобад, ки ин ё он кас имондори ҳақиқист, дар ҳоле ки ӯ ҳеҷ гоҳ ҳаёти худро ба Масеҳ набахшида буд. Ӯ ҳеҷ гоҳ аз гуноҳҳояш тавба накарда буд, худро ба Наҷотдиҳанда набахшида буд. Ӯ намефаҳмад, ки дар асл наҷот наёфтааст, ва ӯ сӯи дӯзах равона аст. Он симои «шахси азимонгашта», ки дар боло тасвир шуд, барои шахси наҷотнаёфта низ қобили истифода аст.

Оё ин симои *шумост*? Агар шумо ҷавоби мусбат диҳед, худро тафтиш кунед, то донед, ки оё ҳақиқатан наҷот ёфтаед ё не (2Қӯринтиён 13:5). Тести зеринро истифода баред:

а) Оё ҳақиқатан ман аз ҳамаи гуноҳҳоям тавба кардаам (аз онҳо рӯ гардондаам) – аз он гуноҳҳое ки медонам, ва аз он гуноҳҳое ки намедонам (Луқо 13:3)?

б) Оё ман ба Худованд Исои Масеҳ бовар кардаам (худро бахшидаам) (Аъмол 16:31)?

в) Оё ман кӯшиш мекунам, ки ба Худо ва Каломи Ӯ итоаткор бошам (Луқо 6:46: 2Таслӯникиён 1:8; Ибриён 5:9)?

г) Оё ман худро аз ҳамаи гуноҳҳое ки Инҷил аз онҳо огоҳ мекунад, барканор медорам (1Қӯринтиён 6:9-10; Ғалотиён 5:19-21; Эфсӯсиён 5:3-6; Ваҳй 21:8)?

Агар шумо ба ҳамаи ин саволҳо бо боварӣ ҷавоби мусбат дода натавонед, бояд дарҳол оиди наҷоти худ фикр кунед. Худи ҳозир Масеҳро чун Наҷоткор қабул намоед.

Акнун метавонед омӯзиши ин курсро давом диҳед. Он ба шумо ёрӣ медиҳад, ки ҳаёти нави масеҳии худро сар кунед.

## Натиҷаҳои бозгашт ба тарзи зиндагии пештара

Аксари касоне ки ба тарзи зиндагии пештара бозмегарданд, хатарнокии ҳолати худро намефаҳманд.

1. Аввалан, касе ки ба тарзи зиндагии пештара бозмегардад, ҳар хел гуноҳ карда метавонад, ғайр аз гуноҳи инкор кардани Масеҳ. Имондороне ки бо беитоатӣ Худовандро шарманда мекунанд, ба худ, ба оилаҳои худ ва ба ҷамоатҳои худ азоб ва ашк меоваранд. Барои мисол Аъмол 5:1-11-ро хонед.

2. Ҳатто як лаҳзаи беитоатӣ ба Худо тамоми ҳаётро вайрон карда метавонад. Як интихоби нодуруст, як қадами вайрон, як гуноҳ метавонад шахсро чунон беобрӯ кунад, ки ӯ барои хизмат ба Худо нолоиқ мегардад (Ниг. 1Қӯринтиён 5:1-13).

3. Бозгашт ба рафтори пештара аксар вақт ба ҳаёти мо чунин натиҷаҳое меоварад, ки сипас аз онҳо раҳо шуда наметавонем. Шахси имондор ҳеҷ гоҳ барои гуноҳи худ дар абадият ҷазо намебинад (Масеҳ ҷазои ӯро дар салиб ба дӯши Худ гирифт), аммо ӯ аксар вақт таъсири дардноки гуноҳи худро дар ин зиндагӣ ҳис мекунад. Масалан, ба 2Подшоҳон 12:14 нигаред, ва низ оиди он хонед, ки бо Довуд дар тӯли тамоми зиндагии минбаъдааш чиҳо шуд. Бемориҳо ва бадӣ гоҳо ба мо ёдрас мекунанд: «...он чи одамизод мекорад, ҳамонро хоҳад даравид» (Ғалотиён 6:7).
4. Ҳангоме ки масеҳӣ чун пештара бе итоаткорӣ зистанро давом медиҳад, Худо гоҳо ҳаёти ӯро «кӯтоҳ мекунад» (1Қӯринтиён 11:30; 1Юҳанно 5:16). Ба ин восита Ӯ масъаларо яку якбора ҳал мекунад.

Ҳеҷ гоҳ суханони ғамангези Ноомиро фаромӯш набояд кард, ки пас аз бозгашт аз Мӯоб гуфта буд: «Маро Ноомӣ нахонед, балки Марро бихонед, зеро ки Қодир талхии зиёде ба сарам овард. Ман пурганҷ рафта будам, ва Худованд маро тиҳидаст (дастхолӣ//камбағал) баргардонд...» (Рут 1:20-21).

Дар натиҷаи беитоатӣ Ноомӣ шавҳар ва ду писарашро аз даст дод. Имкон дорад, ки мо низ мисли ӯ аз Худо дур шуда, бо роҳи худ равем. Танҳо Худованд метавонад моро ба роҳи ҳақиқат баргардонад. Имкон дорад, ки мо низ, чун Ноомӣ дар фаровонӣ аз Худо дур шавем, аммо Худованд албатта моро дастхолӣ бармегардонад.

## Чораҳои барқароркунӣ

Имондоре ки ба тарзи зиндагии пештара баргаштааст, бояд донад, ки роҳ сӯи хонаи Падар ҳамеша кушода аст (Луқо 15:20). Рӯҳи хушбахтӣ ва шодии раҳоӣ боз метавонад моро фаро гирад (Забур 31:7; 50:14). Падар интизори бозгашти мост. Инак он роҳ:

**1. Пеши Худо эътироф намудани гуноҳ**

а) Худо ваъда медиҳад, ки «агар мо гуноҳҳои худро эътироф кунем, Ӯ амин ва одил аст, ки гуноҳҳои моро биомурзад (бахшад) ва моро аз ҳар ноинсофӣ пок намояд» (1Юҳанно 1:9). Мо бояд ба Худо оиди гуноҳҳоямон ҳама чизро гӯем.

б) Мо бояд аз гуноҳҳои худ самимона афсӯс хӯрем. Агар дар дилҳои мо ин ҳисси самимии таассуф набошад, *гуфтан* оиди

он ки мо афсӯс мехӯрем, маъное надорад. Таронаи 50-уми Забурро хонед ва бинед, ки Довуд нисбати гуноҳҳои худ чӣ ҳиссиёт дошт. Агар мо нисбати гуноҳҳои худ ҳамин гуна ҳиссиёт дошта бошем, пас гуноҳро ба дигарон бор намекунем ва барои сафед кардани худ баҳона намеҷӯем. Мо мегӯем: «Ман гуноҳ кардам, ман айбдорам».

в) Мо бояд ҳамеша ба Худованд оиди гуноҳҳоямон гӯем. Гуноҳҳоямонро назди Худованд зикр карда, мо мебинем, ки то чӣ андоза онҳо бад ҳастанд. Ва баъд онҳоро такрор кардан намехоҳем (Масалҳо 28:13).

## 2. Дуруст кардани муносибатҳо бо дигар одамон

Ҳангоме ки мо назди Худованд бармегардем, дар мо хоҳише пайдо мешавад, то ҳамаи хатоҳоеро, ки нисбати дигарон содир намудаем, ислоҳ кунем. Агар мо чизе дуздида бошем, бояд онро барзиёд карда, баргардонем. Агар мо чизе гуфта ё карда бошем, бояд барои ин бахшиш пурсем. Ҳисси шарм барои чунин амалҳо бояд моро водор кунад, ки дигар ин корро накунем.

## 3. Ибтидои нав

Акнун, ки гуноҳҳоямонро назди Худо эътироф намудем ва муносибатҳоро бо дигар одамон дуруст кардем, мо бояд ба бахшидани Худо бовар кунем. Ҳангоме мо худро бо боварӣ ба Масеҳ супурдем, ба наҷот ёфтани худ бовар карда будем. Ва акнун мо бояд бовар кунем, ки Худо моро бахшидааст ва боз назди Худ овардааст, ва мо метавонем боз бо камоли хушбахтӣ бо Худованд мушоракат намоем.

Акнун мо бояд чунин амалҳоро пеша кунем:

1. Китоби Муқаддасро хонем ва оиди чизи хондаамон андеша намоем.
2. Дар танҳоӣ бо Масеҳ мушоракат намоем.
3. Бо дигар масеҳиён мушоракат намоем.
4. Ба одамон ошкоро гӯем, ки Исо Наҷотиҳанда ва Худованди мост.

Агар чунин кунед, масеҳии хушбахт хоҳед буд.

**ДАРСИ 2**

# Худоё, Ту чӣ қадар бузургӣ!

## Парастиш чист

Парастиш дар ҳаёти масеҳӣ яке аз мафҳумҳои муҳимтарин аст. Бинобар ин масеҳии ҷавоне ки мехоҳад рӯҳан инкишоф ёбад, бояд парастиш намудани Худоро омӯзад.

Парастиш – ҳамду сано хондан ба Худост:
1) барои он ки Ӯ чӣ гуна аст – бузургии шахсияти Ӯ;
2) барои он чи Ӯ барои мо кардааст – бузургии меҳнати Ӯ.

Парастиш «фаровонии дилест, ки оиди Масеҳ фикр мекунад». Ҳангоми дуо мо аксаран ба зону меистем: ҳангоме ки мо парастиш мекунем, ҷонҳои мо назди Худо таъзим мекунанд. Ҳангоме ки мо парастиш мекунем, Худоро *ҳамд* мегӯем – ва аз ӯ хоҳиш намекунем, ки ба мо чизе диҳад. Дар айни ҳол парастиш ба мо низ хурсандӣ меоварад.

## Зарурати парастиш

Чаро мо бояд парастиш кунем? Чаро ин ҳамин қадар муҳим аст? Китоби Муқаддас ба ин савол ҷавоб медиҳад.

1. Мо барои ҷалол додани Худо *офарида шудаем* (Ишаъё 43:7). «Вазифаи одам аз чӣ иборат аст?» Ҷавоби дуруст ба ин савол чунин аст: «Ҷалол додани Худо ва ҳамеша аз Ӯ шод будан».
2. Мо барои ҷалол додани Ӯ *наҷот дода шудаем* (Эфсӯсиён 1:12). Масеҳ дар Ҷолҷолто мурд, то ки осмону замин пур аз парастишкунандагон бошад.
3. Худо Падар мехоҳад, ки мо Ӯро парастиш кунем (Юҳанно 4:23). Танҳо касоне ки фарзандони Худоянд, метавонанд Падари худро парастиш кунанд.
4. Дар ниҳояти кор мо ба Шахсияте ки ҳамеша ба Ӯ менигарем ва доимо оиди Ӯ фикр мекунем, монанд мешавем (2Қӯринтиён 3:18). Қиссае ҳаст оиди бутпарасте ки дар шарқ мезист. Ӯ аксари вақташро дар парастишгоҳ мегузаронд. Ӯ ба Буддо нигариста, мисли ӯ чорзону менишаст ва ваҷоҳати* ҷиддӣ дошт. Одамон ӯро дида, мегуфтанд: ӯ ба муҷассама чунон

* ваҷоҳат – ифодаи чеҳра

монанд шудааст, ки гоҳо фарқ кардан душвор аст, ки кадоме муҷассама аст ва кадоме одам. Ин қисса бофтаи хаёлот аст, аммо он чиз ҳақиқат аст, ки агар мо масеҳиён оиди Худованд фикр кунем ва ба ҷалоли Ӯ нигарем, «ба ҳамон сурат, аз ҷалол ба ҷалол табдил меёбем, ва ин аз Рӯҳи Худованд аст».

## Намунаҳои парастиш

Дар Китоби Муқаддас мо бисёр намунаҳои парастиши Худоро вомехӯрем. Мо бояд онҳоро бо диққат омӯзем. Намунаҳои дар ин ҷо овардашуда метавонанд ба мо бисёр чизҳоро омӯзонанд:

1. Парастиши мунаҷҷимон (ҳакимон) (Матто 2:1-11). Онҳо роҳи дарозеро тай намуда, ба Масеҳ тӯҳфаҳои гаронбаҳо оварданд. Тиллое ки онҳо оварданд, оиди илоҳияти Ӯ мегӯяд. Лодан* – оиди ҳаёти пурфайз ва бегуноҳи Ӯ, мур* – оиди талхии он азобҳое ки Ӯ мебоист аз сар мегузаронд. Касе хуб гуфтааст: «Одамони хирадманд чун пештара Ӯро парастиш мекунанд».
2. Парастиши зане ки зарфи равғани атрафшон овард (Матто 26:6-13; Марқӯс 14:3-9). Ӯ онро ба сари Худованд Исо рехт. Шогирдон мегуфтанд: «Ин исрофкорӣ чӣ даркор аст? Зеро ин мурро ба нархи зиёд фурӯхта, ба мискинон тақсим карда додан мумкин буд». Аммо дар назари Худо ҳеҷ як мавриди зоҳиршавии меҳр ва парастиш беҳуда нест.
3. Парастиши Марям (Луқо 10:38-42). Марям Масеҳро бо диққат гӯш мекард, дар ҳоле ки Марто бо омода намудани хӯрок машғул буд. Ҳам парастиш ва ҳам хизмат машғулиятҳои ба дараҷаи баробар муҳиманд, аммо ба он чи Худованд гуфт, аҳамият диҳед: «Аммо Марям қисмати некӯро баргузидааст». Магар Ӯ дар назар надошт, ки парастиш бояд аввал ба ҷо оварда шавад?
4. Парастиши махавии сиҳатшуда (Луқо 17:12-19). Даҳ махавӣ шифо ёфтанд, аммо танҳо яке аз онҳо баргашт, то ба Худованд шукргузорӣ кунад. «Он нӯҳ нафар куҷоянд?» – пурсид Худованд. Имрӯзҳо бисёр касон мехоҳанд тӯҳфаи наҷотро қабул кунанд, аммо чанд нафари онҳо Худоро барои он шукргузорӣ мекунанд?

---

* лодан – моддаи хушбӯй
* мур – моддаи хушбӯй

## Тарзи парастиш

Акнун масеҳии дар имон ҷавон бояд донад, ки кай ва чӣ гуна бояд парастиш кунад. Мо ду роҳро пешниҳод мекунем, ҳар дуи онҳо дар ҳаёти масеҳӣ муҳиманд.

### 1. Ҳангоме ки дар танҳоӣ ҳастед, парастиш кунед

Шумо метавонед парастишро ба ҳар як дуо дохил намоед. Ҳар боре ки бо Худо гап мезанед, метавонед барои ҳамаи он чи Худованд Исо бароятон мебошад, шукргузорӣ намоед. «Ҳамеша дар дуо ва илтимос бо шукргузорӣ хоҳишҳои худро ба Худо ошкор намоед» (Филиппиён 4:6).

Забур ба мо намунаҳои аҷиби парастишро медиҳад. Баъзе таронаҳои онро аз ёд намуда, баъд ба гуфтаҳои онҳо пайравӣ намудан фоиданок аст. Худоро бо суханоне ки аз дили таронасаро мебаромаданд, ҳамду сано гӯед.

Бисёр сурудҳои парастишӣ ҳастанд. Онҳоро сароед ё дар дуоҳои худ талаффуз намоед. Инак намуна:

*Ҳар гаҳ ба салиб бингарам ман,*
*К-он ҷо Писари Худо азоб дид.*
*Шармандагии гуноҳ дарк менамоям,*
*Мешармам аз он чи қадр менамудам.*

### 2. Ҳамроҳи дигарон парастиш кунед

Метавонед ҳамроҳи дигарон дар ҷамоат парастиш кунед. Яке аз хизматгузориҳо аз рӯзҳои аввали мавҷудияти ҷамоат махсус бо парастиш робита дорад. Ин Шоми Худованд аст, ки пора кардани нон низ номида мешавад. Андак пештар аз он ки Яҳудо Исоро таслим кунад, ҳамон шаб Худованд Исо ба шогирдон нон ва май дода, маънои махсуси ин чизҳои оддиро фаҳмонд. Шогирдон мебоист ин хизматгузориро бо сабабҳои зерин ба ҷо меоварданд:

а) Барои дар ёд доштани Ӯ. «Инро барои хотираи Ман ба ҷо оваред» (Луқо 22:19).

б) Барои эълон намудани марги Ӯ. «Зеро ҳар боре ки ин нонро мехӯред ва ин косаро менӯшед, марги Худовандро эълон мекунед...» (1Қӯринтиён 11:26).

в) Барои интизории бозгашти Ӯ. «То даме ки Ӯ биёяд» (1Қӯринтиён 11:26).

г) Барои нишон додани ягонагии Бадани Масеҳ (1Қӯринтиён 10:16-17). Нон ва коса ёрӣ медиҳанд, то дар ёд дошта бошем, ки имондорони ҳақиқӣ аъзоёни мушоракати бузург ҳастанд – мушоракати бадани Масеҳ.

Ба мо гуфта нашудааст, ки сари чанд вақт ин хизматгузории ёдбудро ба ҷо оварем. Фириста Павлус танҳо чунин гуфтааст: «Ҳар боре ки ин нонро мехӯред ва ин косаро менӯшед». Аммо ишораи аниқ ҳаст, ки шогирдони аввалин барои ёдбуди Худованди худ рӯзи якуми ҳафта ҷамъ меомаданд (Аъмол 20:7). Ҳангоме оиди азобҳо ва марги Наҷотдиҳанда зуд-зуд фикр мекунем, ин ба мо ёрӣ медиҳад, то Масеҳи фархундаи Худоро дӯст дорем ва парастиш кунем.

## Принсипҳои парастиш

Дарси ба парастиш бахшидашударо ба анҷом расонда, мо бояд ду принсипи муҳимро баён намоем:

1. Парастиши ҳақиқӣ бояд «ба рӯҳ ва ростӣ» бошад (Юҳанно 4:23-24). Ба шаклҳо ва маросимҳои махсус эҳтиёҷ нест. Парастиши ҳақиқӣ аз дил мебарояд.
2. Дар ҷаҳон ҷойҳои махсусе нестанд, ки мо дар он ҷо парастиш кунем (Юҳанно 4:21). Ҳангоме ки масеҳӣ Худоро ҷалол медиҳад, бо имони худ ба ҳузури Ӯ медарояд. Бинобар ин биёед «бо дили соф ва бо имони комил, дилҳои худро ба воситаи пошидан аз виҷдони шарири мо татҳир намуда (пок карда) ва ҷисми худро дар оби пок ғусл дода (шуста), наздик оем» (Ибриён 10:19-22).

**ДАРСИ 3**

# Каломи Туро дар дили худ ҷой додам

Ҳар кас метавонад Китоби Муқаддасро аз ёд кунад. Баъзе масеҳиён гумон мекунанд, ки танҳо шахсони дорои лаёқатҳои махсус порчаҳои Китоби Муқаддасро дониста ва дар ёд нигоҳ дошта метавонанд. Ва ҳангоме мо мешунавем, ки касе порчаҳои дарозро аз ёд мегӯяд, чунин мегӯем: «Оҳ! Кошки ман чунин лаёқат медоштам!»

Ин иштибоҳи бузург аст. Саволи муҳим на «Оё ман Китоби Муқаддасро дар ёд нигоҳ дошта *метавонам*?», балки «Оё ман онро дар ёд нигоҳ доштан *мехоҳам*?» аст. Агар мо ҳақиқатан инро хоҳем, ҳатман амалӣ мекунем.

## Ин барои чӣ даркор аст

Чаро масеҳӣ бояд порчаҳои алоҳидаи Китоби Муқаддасро аз ёд кунад? Ин якчанд сабаб дорад, аммо мо танҳо якчандтои онҳоро меоварем:

1. Ин барои ҷовидонӣ некӯст. Ҳама гуна дониш оиди Китоби Муқаддас, ки шумо дар ин ҷо ба даст меоваред, бо шумо дар осмонҳо мемонад. Бисёр донишҳои дигари шумо дар ҷовидонӣ ба шумо даркор намешаванд, аммо «каломи Худованд то абад боқист» (1Петрус 1:25).
2. Ин барои ҳаёти пок ёрӣ мерасонад. Таронасаро гуфтааст: «Сухани Туро дар дили Худ ниҳон доштаам, то ки пеши Ту хато накунам» (Забур 118:11). Оё дар ёд доред, ки Худованд ба шайтон чӣ гуна ҷавоб дод, ҳангоме ки вай ӯро дар биёбон васваса мекард? Ӯ Китоби Муқаддасро истифода мебурд (Матто 4:4,7,10). Ва ҳангоме ки мо зидди душман шамшери рӯҳониро (Китоби Муқаддасро) истифода мебарем, вай аз мо гурезон мешавад.
3. Ин барои фаҳмидани он ёрӣ медиҳад, ки хости Худоро нисбати ҳаётамон донем. Довуд маҳз ҳаминро дар назар дошт, ҳангоме мегуфт: «Каломи Ту чароғ аст барои поям; ва нур аст барои роҳам» (Забур 118:105). Ин чароғ ва ин нур ба мо мегӯянд, ки мо бояд ба куҷо қадами навбатиро гузорем. Китоби Муқаддас маҳз ҳамин корро мекунад, агар мо онро дар

дили худ нигоҳ дорем, онро дар ёд дошта бошем (Такрори Шариат 6:6).

4. Ин барои назди Масеҳ овардани одамон ёрӣ мерасонад. Ҳангоме ки мо ба онҳо сӯи Наҷотдиҳанда ишора мекунем, суханони худамон аҳамияте надоранд. Каломи Худо, ки «зинда ва таъсирбахш ва аз ҳар шамшери дудама тезтар аст» (Ибриён 4:12), аҳамият дорад. Бо наҷотнаёфтагон сӯҳбат карда, оё метавонед оятҳоеро иқтибос оваред, ки ба эҳтиёҷоти онҳо хубтар аз ҳама ҷавобгӯ бошанд?
5. Ин ёрии ҳайратовар аст, ҳангоме ба шумо тасалло даркор аст (Румиён 15:4). Дар ҳаёти мо замонҳое мешаванд, ки мо Китоби Муқаддасро хонда наметавонем. Аммо агар дар дилҳоямон ваъдаҳои ҳайратовар сокин бошанд, ҳар боре ки зарур шавад, онҳо ба мо тасалло медиҳанд.

Агар масеҳӣ ҳақиқатан Китоби Муқаддасро аз ёд донистан хоҳад, аммо ин барояш душвор бошад, чӣ бояд кунад? Як воситаи хеле таъсирбахш ҳаст. Дар ин бора дуо кунед! Ба Худованд гӯед, ки мехоҳед оятҳои Китоби Муқаддасро аз ёд донед, то Ӯро ҷалол диҳед, ва Ӯ ба шумо ёрии даркориро мерасонад (Забур 36:4).

## Чиро бояд аз ёд кард

Саволи навбатӣ: «Маҳз чиро бояд аз ёд кард?» Маслиҳатҳое ки дар зер оварда шудаанд, аллакай ба бисёр касон ёрӣ додаанд.

1. Шояд шумо аз *оятҳои* Китоби Муқаддас сар кардан хоҳед. Якчанд оятҳоеро, ки Хушхабарро маънидод мекунанд, ё якчанд ваъдаҳои ҳайратоварро дар бар мегиранд, ё якчанд оятро оиди ягон мавзӯи алоҳида интихоб кунед. Баъд онҳоро пайиҳам аз ёд кунед.
2. Баъд ба аз ёд кардани *бобҳои* пурраи Китоби Муқаддас гузаред. Баъзеҳо Забур 22, Ишаъё 53, Юҳанно 1 ва 17, 1Қӯринтиён 13 ва Ибриён 1 ва 11-ро афзал меҳисобанд.
3. Ҳамчунин метавонед китобҳои алоҳидаи Китоби Муқаддасро аз ёд кунед. Ин барои фаҳмидани маънои ин ё он китоб яке аз воситаҳои беҳтарин аст. Воситаи аз ин самараноктари омӯхтани Китоби Муқаддасро ёфтан душвор аст.

## Инро чӣ тавр бояд кард

Акнун масъала дар ин аст: «Чӣ гуна бояд аз ёд кард? Воситаи самараноктарин кадом аст?» Аввалан, дар ёд нигоҳ

доред: воситаҳои *содда* ва босуръат вуҷуд надоранд. Бисёр васоити таълимӣ оиди аз ёд кардан фурӯхта мешаванд, аммо ҳамаи онҳо меҳнати зиёдро металабанд. Агар аз худи аввал инро дар ёд нигоҳ доред, пас, чун мебинед, ки ин раванди осон нест, ақиб намегардед.

Қадами навбатӣ аз он иборат аст, ки якчанд варақаҳои хурд гиред. Андозаашон аҳамият надорад, аксар вақт варақаҳои андозаашон 5 ба 7см истифода мешаванд. Дар як тарафи варақа матни оятро нависед, дар тарафи дигар – номи китоб, боб ва рақами оятро. Беҳтараш худатон варақа тайёр кунед. Худи раванди навиштани матн барои аз ёд кардани калимаҳо ёрӣ мерасонад. (Мо 10% аз он чи мешунавем, 50% аз он чи мебинем, 70% аз он чи мегӯем, ва 90% аз он чи мекунем, дар ёд нигоҳ медорем.)

Сипас варақаро гиред ва онро гаштаву баргашта хонед. Ба ҳар як калима аҳамият диҳед ва кӯшиш кунед аз дафъаи аввал аз ёд намоед. Ҳар боре ки оятро мехонед, номи китоб, боб ва рақами оятро низ хонед. Агар имкон бошад, бо овози шунаво хонед. Дар ин маврид шумо имкон хоҳед дошт, ки матнро бо чашмон дида, онро шунавед. Ҳангоме ки инро якчанд бор такрор мекунед, ҳар дафъа ба варақа камтар нигаристанатон даркор мешавад.

Аммо гумон накунед, ки агар ба варақа нанигариста тамоми оят, номи китоб, боб ва рақами оятро аз ёд гуфта тавонед, кор ба анҷом расидааст. Шумо бояд ин оятҳоро *мунтазам такрор кунед*. Бо мурури он ки оятҳои навро аз ёд мекунед, ҳатман ба он оятҳое ки аз ёд кардаед, баргардед. Ба оят нигариста, тафтиш кунед, ки онро дар куҷои Китоби Муқаддас ёфтан мумкин аст. Дафъаи дигар ба паси варақа нигариста, номи китоб, боб ва рақами оятро хонед ва ин ҷойи Китоби Муқаддасро аз ёд гӯед. Аз ягон нафари дӯстон хоҳиш кунед, то шуморо тафтиш намояд ва ба ӯ ин оятро иқтибос оваред.

Акнун огоҳӣ! Ҳангоме ки бори якум шавқ пайдо мекунед, дарҳол бисёр чизҳоро аз ёд кардан даркор нест. Беҳтараш ҳар рӯз як оят аз ёд кунед, назар ба ин ки якбора якчанд оят аз ёд карда, баъд дилхунук шавед. Агар ҳар рӯз як оят аз ёд карда, оятҳои пештараро такрор намоед, дар охири сол аллакай 365 оятро аз ёд хоҳед донист. Илова ба ин шумо аллакай ба ин одат мекунед, ва баъд раванди омӯзиш на он қадар душвор мешавад. Пас барои такрори оятҳои азёдкардаатон вақти бештар хоҳед дошт. Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки дар як рӯз як оят аз ёд кардан вазифаи

душвор аст. Барои такрори ҷиддии оятҳои аллакай азёдкарда вақт намерасад. Онҳо дар як ҳафта аз ёд кардани се оят ва ҳар рӯз такрор намудани 20 оятро пешниҳод мекунанд. Аммо аз ёд кардани миқдори зиёди оятҳо не, балки дуруст аз ёд кардани онҳо беҳтар аст.

## Чӣ гуна вақт пайдо бояд кард

Ва саволи охирин: «Кай бо ин кор машғул шудан даркор аст?» Беҳтараш ҳар рӯз дар ҳамон як вақт бо ин кор машғул шавед, масалан, ҳангоми хониши Китоби Муқаддас ва дуо. Агар оятро пагоҳӣ аз ёд кунед, дар давоми рӯз метавонед онро аз ёд карда, ба маънои он сарфаҳм равед.

Дар вақти холӣ бо ин кор машғул шуда метавонед – ҳангоме ки дар қатора, дар автобус, бо мошин сафар доред, ё касеро интизоред; ҳангоми танаффуси нисфирӯзӣ. Ин вақтро барои Худо ва абадият самаранок истифода бурдан мумкин аст. Варақаҳоятонро гирифта, бо онҳо кор кунед.

Ғайр аз ин, Китоби Муқаддасро ҳангоми дар сари дастурхон бо оила ё бо дӯстон гузарондани вақт аз ёд кардан мумкин аст. Ҳатто мусобиқа гузарондан мумкин аст – ин ё он оятро кӣ беҳтар ва зудтар иқтибос меоварад. Аз ёд кардани оятҳо дар пеши наздикон ё дӯстон аксаран ибтидои сӯҳбат оиди маънои ин оятҳо мегардад.

Акнун то даме ки дар амал бо ин машғул нашавед, ҳеҷ чиз аз он чи дар ин дарс гуфтем, ба шумо фоидае намеоварад. Аммо агар шумо Каломи Худоро дар ёд ва дар дили худ нигоҳ доред, шуморо дар ин зиндагӣ ва дар ҳаёти оянда мукофоти олӣ интизор аст. Худи ҳамин рӯз аз ёд кардани оятҳоро сар кунед!

Вазифа: Пеш аз он ки ба имтиҳон оиди ин дарс гузаред, Ишаъё 41:10 ва 1Қӯринтиён 10:13-ро аз ёд кунед.

**ДАРСИ 4**

# Имон дар амалҳо

Ҳангоме мо бо касоне гап мезанем, ки ба Хушхабар бовар надоранд, мекӯшем ба онҳо фаҳмонем, ки ҳеҷ кас *бо* корҳои нек наҷот ёфта наметавонад. Аммо ҳангоме бо масеҳиён сару кор дорем, бояд аниқ фаҳмем, ки мо *барои* корҳои нек наҷот ёфтаем (Эфсӯсиён 2:8-10). Дар Инҷил борҳо гуфта мешавад, ки пайравони Масеҳ бояд корҳои нек кунанд. (Ниг. Матто 5:16: 1Тимотиюс 6:17-18; 2Тимотиюс 3:17: Титус 2:7,14; 3:8,14; Ибриён 10:24; 1Петрус 2:12.) Мо оиди Наҷотдиҳанда мехонем, ки «Ӯ ба ҳама ҷо рафта, корҳои нек мекард» (Аъмол 10:38). «Басанда аст, ки шогирд чун муаллими худ бошад, ва ғулом чун хоҷаи худ бошад» (Матто 10:25).

# Имкониятҳои бисёр

Мо дар ҷаҳони худпарастона зиндагӣ мекунем. Амалан ҳамаи одамон аввал оиди худ фикр мекунанд ва танҳо баъд – оиди дигарон. Аммо масеҳият моро даъват мекунад: «Некӣ кунед! Барои дигарон зиндагӣ кунед! Худро ва воситаҳои молиявии худро фидо кунед, то ба дигарон ёрӣ расонед». Ҳар рӯз мо бисёр имкониятҳои некӣ кардан, ба касе ёрӣ расондан, ба касе суханони тасалло гуфтан дорем. Биёед ин имкониятҳои ба одамон ёрӣ расондан ва ба онҳо оиди Масеҳ гап заданро аз даст надиҳем. Инак танҳо баъзе аз чунин имкониятҳо:

1. Одамони бемор. Мо барои беморон чӣ карда метавонем? Метавонем ба хабаргирии онҳо равем – меваҳо барем, китоберо хонда диҳем – ҳамроҳи онҳо дуо гӯем ва аз Китоби Муқаддас боберо хонем. Бо ин воситаи олидараҷа мо метавонем ба наҷотнаёфтагон ва масеҳиён муҳаббат зоҳир намоем.
2. Пиронсолон. Одамони пиронсол меҳрубониро амиқтар ҳис мекунанд. Ба онҳо писанд меояд, ки ҷавонон барояшон меҳрубонӣ кунанд. Бо мошини худ то ҷои даркорӣ бурда расондан, ба меҳмонӣ даъват намудан, ба муносибати ид табрикнома фиристодан – ҳамин тариқ шумо низ ба Масеҳ имкон медиҳед, ки дар шумо меҳнат кунад.

3. Камбағалон. Ҳатто дониши кам оиди Китоби Муқаддас кофист, то фаҳмед, ки Худо махсусан камбағалонро дӯст медорад. Касонеро, ки дар ҳаққи камбағалон ғамхорӣ мекунанд, Худо баракат медиҳад, аммо касонеро, ки онҳоро меранҷонанд, Ӯ ҷазо медиҳад. Ва ҳатто агар шумо ба онҳо танҳо либоси кӯҳна ё миқдори ночизи пул дода тавонед ҳам, Худованд аз ин хурсанд мешавад. Шояд шумо имкон доред музди лагери масеҳии тобистонии кӯдакеро аз оилаи камбағал пардозед? Бисёр кӯдакон маҳз ҳамин тавр ба Масеҳ бовар кардаанд. Аммо бодиққат бошед ва байни одамони ҳақиқатан мӯҳтоҷ ва касоне ки танҳо барои суиистифода аз меҳрубонии одамон хайр металабанд, фарқ гузоред.
4. Радшудагон. Амалан дар ҳама ҷо касонеро вохӯрдан мумкин аст, ки рондашудагони ҷамъият ҳисобида мешаванд (ва ин бо тарзи зиндагии онҳо вобаста аст). Одатан мо аз онҳо канорагирӣ мекунем, аммо Масеҳ ҳамеша мекӯшид онҳоро назди Худ оварад. Барои Худованд ҳар як одам гаронбаҳост. Як ходими таҷрибаноки масеҳӣ либосҳои ҷанда пӯшида, дар маҳалҳои ноободи шаҳри калон мезист, то имкон дошта бошад ба радшудагони он ҷойҳо оиди Худованд Исо гап занад.
5. Ба бадбахтӣ гирифторшудагон. Одамон гоҳо дар натиҷаи воқеаҳои нохуш ба бадбахтӣ дучор мешаванд. Дар чунин лаҳзаҳо масеҳиён ҳамеша тайёranд ба мусибатзадагон ёрӣ расонанд.
6. Оилаи худатон. Бо дигарон меҳрубон буда, оиди наздикони худ фаромӯш накунед. Худо мегӯяд, ки мо бояд падару модарро эҳтиром намоем. Дар хона ҳамеша корҳои рӯзғор ҳастанд, ки онҳоро ба ҷо овардан даркор аст, ва мо бояд дар ин хусус бодиққат бошем. Худо шод намешавад, агар мо бо дигарон меҳрубон буда, дар оилаи худ бадфеъл ва худпараст бошем (1Тимотиюс 5:8).

Ҳамаи он чи дар ин ҷо зикр шуд, танҳо пешниҳодҳо мебошанд. Худи шумо низ метавонед идеяҳо дошта бошед.

## Қоидаҳои фоиданок

Ҳангоме корҳои нек карданӣ мешавед, қоидаҳои фоиданоки зеринро дар ёд нигоҳ доред:

1. Кӯшиш намоед, ки ҳар рӯз ягон кори нек кунед. Аз Худованд хоҳиш кунед, ки тарзи амалӣ гардондани онро нишон диҳад.
2. Бинед, ки кадом корро кардан даркор аст, ва онро кунед. Корфармое бо касоне ки кор меҷустанд, вохӯрӣ дошт. Пеш аз он ки сӯҳбатро сар кунад, ӯ як порча коғазро гирифта, ба фарши даромадгоҳи кабинет партофт. Шаш кас ба коғаз аҳамият надода, ба кабинет даромаданд. Шахси ҳафтум пеш аз даромадан коғазро гирифта ба сабад партофт. Ҳамин шахсро ба кор гирифтанд.
3. Агар боварӣ доред, ки бояд ягон кори нек кунед, ҳатман онро ба ҷо оваред. Ба намунаи Марям пайравӣ намоед, ки гуфт: «Ҳар чи Ӯ ба шумо гӯяд, ба ҷо оваред» (Юҳанно 2:5). Огоҳии ояти Яъқуб 4:17-ро дар ёд нигоҳ доред: «Пас, касе ки медонад, чӣ бояд кард, ва намекунад, – ба вай гуноҳ аст».
4. Корҳои некро то ҳадди имкон нонамоёнтар ба ҷо оваред (Матто 6:2-4). Муҳим нест, ки одамон шуморо таърифу таҳсин мекунанд ё не. Ҷалол додани Худованд муҳимтар аст.
5. Бо касоне ки дар ҷавоб меҳрубонӣ карда наметавонанд, некӣ кунед (Луқо 14:12-14). Дасти Худо сахитар ва мукофоти Ӯ аз мукофоти инсонӣ ғанитар аст.
6. Ба касоне ки шуморо бад мебинанд ва ба шумо дард расонданӣ мешаванд, некӣ кунед (Румиён 12:20). Оиди як ходими бузурги Худо гувоҳӣ додаанд: «Воситаи беҳтарини ҳис кардани меҳрубонии ӯ он аст, ки ба ӯ дағалӣ кунед». Ӯ ҳақиқатан ба Наҷотдиҳанда пайравӣ карданро ёд гирифта буд. Ҳангоми ҷанг ба як аскар хеле бад муомила мекарданд, чунки ӯ ошкоро оиди Масеҳ гувоҳӣ медод. Боре як афсар ҳангоми дуогӯии аскар пойафзоли ифлосашро сӯи ӯ партофт. Аскар аҳамият надода, дуо мегуфт. Пагоҳӣ афсар дид, ки он аскар пойафзоли ӯро то ҷило додан тоза кардааст. Ин ба ӯ таъсир бахшид. Ӯ ҳамон рӯз наҷот ба даст овард.
7. Ҳар он чи ба дилатон писанд меояд ва карданаш аз дастатон меояд, кунед «Воиз 9:10». Сӯзану ришта, ё ҳатто қалам дар дасти масеҳии ҳақиқӣ барои Худо корҳои бузург карда метавонанд. Ҳар яки мо метавонад барои Худо коре кунад (Аъмол 9:36,39).
8. Ҳама корро ба номи Худованд Исо кунед (Қӯлассиён 3:17). Ҳар як кори неки худро барои гуфтугӯ оиди Худованд

истифода баред. Кӯҳнафурӯше боре бо масеҳие вохӯрд, ки чизҳои кӯҳнаи худро фурӯхтанӣ буд. Пас аз он ки онҳо оиди нарх маслиҳат карданд, масеҳӣ як қисми пулро ба ӯ баргардонда, гуфт: «Инро ба номи Исои Масеҳ бароятон медиҳам». Кӯҳнафурӯш тӯҳфаро гирифт, ва дуртар рафта, бо ҳайрат гуфт: «Ҳеҷ кас ба номи Исои Масеҳ бароям чизе надода буд».

## Мукофотҳои ҳатмӣ

Барои ҳар некие ки барои дигарон мекунем, моро ҳатман мукофот интизор аст, – агар на дар ин зиндагӣ, пас ҳангоми доварии Масеҳ (2Қӯринтиён 5:10). Ва мукофот ҳамеша аз хизмат бештар хоҳад буд. Боре дар як шаҳри калон писараке ҳамёнеро бо пули зиёд ёфт. Ӯ бисёр фикр кард, ки ҳамёнро ба соҳибаш баргардонад ё не. Дар охир ӯ қарор дод, ки баргардонад. Ӯ ба хонаи калоне рафт, ва ҳамёнро ба соҳибаш баргардонд. Ҳайрати писаракро тасаввур кунед, ҳангоме ба ӯ на як қисми он пулро, балки ду баробар зиёдтар баргардонданд. Ӯ аз кори кардааш пушаймон набуд. Шумо низ пушаймон намешавед, агар ҳаёти худро ба корҳои нек бахшед.

*Рӯҳафтодаро рӯҳбаланд кун*
*То даме ки дер нашудааст,*
*Бо корат ҷаҳонро пурнур кун*
*То даме ки дер нашудааст,*

*Гар дар роҳ ба хонаи Падар*
*Хурсандӣ бахшӣ ба ҳар нафар,*
*Роҳ бо хайр пояндоз шудааст*
*То даме ки дер нашудааст.*
*Рӯзу шаб вақти хайр кардан аст*
*То даме ки дер нашудааст.*

*Давугеҷи беҳуда тарк кун*
*То даме ки дер нашудааст.*
*Чеҳра аз осоиш пурнур кун*
*То даме ки дер нашудааст.*
*Нишоне ҳам нест аз кори нек,*
*Дар ҷаҳон ашку ғам бисёр аст,*
*Ба дӯстат деҳ машварати нек*

*То даме ки дер нашудааст.*

*Баркан бандҳои ин ҷаҳонро*
*То даме ки дер нашудааст.*
*Дар ҳар ҷо пайрав бош Исоро*
*То даме ки дер нашудааст.*

*Ҳар чи мекорӣ дар киштзорон,*
*Медиҳад ҳосили фаровон*
*Некӣ кун ҳар рӯзу ҳар замон*
*Дер накун, вақтро ғанимат дон.*

**ДАРСИ 5**

# Гап зан, Худовандо, зеро ки бандаат гӯш мекунад

Ҳангоме Худованд Исо дар биёбон ба душвориҳо рӯ ба рӯ мешуд, ба суханҳо маънои бузург ҷойгир менамуд. Ҳангоме ки ӯ гурусна буд, шайтон пешкаш намуд: «Бигӯ, ки ин сангҳо нон шаванд». Худованд Исо ҷавоб дод: «Одамизод на танҳо бо нон зиндагӣ мекунад, балки бо ҳар калимае ки аз даҳони Худо барояд» (Матто 4:4).

Ӯ бо ин суханон гуфт, ки одам на танҳо ба хӯрок барои ҷисм эҳтиёҷ дорад. Ӯ барои рӯҳи худ низ ба ғизо эҳтиёҷ дорад. Ғизои рӯҳонӣ «ҳар калимаест, ки аз даҳони Худо барояд».

Ғизои рӯҳонии шахси имондор Китоби Муқаддас аст. Бинобар ин ҳар як масеҳии ҷиддӣ мехоҳад ҳар рӯз аз Китоби Муқаддас, аз нони Худо «ғизо гирад».

Он вақте ки барои ин ҷудо карда мешавад, мушоракат бо Худо дар алоҳидагӣ номида мешавад. Аксар вақт мо бо Худо пагоҳӣ (ним соат ё зиёдтар) мушоракат намуда, он чиро ки Ӯ дар Каломи Худ мегӯяд, гӯш мекунем.

## Эҳтиёҷро дида тавонистан

Мо бояд ба Китоби Муқаддас ҳар рӯз вақт ҷудо кунем. Чаро ин муҳим аст?

1. Чунки ба воситаи Китоби Муқаддас мо бо Масеҳ мушоракат мекунем. Як имондори таҷрибанок гуфтааст: «Ман бовар мекунам, ки ҳангоме бо Ӯ, бо Наҷотдиҳандаам вохӯрдан мехоҳам, Ӯ маро дар он ҷо интизор аст. Ин ҷои вохӯрии мост, ва Ӯ ҳар пагоҳӣ маро интизор мешавад. Бисёр чунин пагоҳиҳо Ӯро дилхунук кардаанд, аммо агар ба худ гӯед, ки "Худовандам бо ман вохӯрданист. Ӯ он ҷост", аз ин тамоми ҷаҳон дигаргун мешавад». Дар айни ҳол аҳамият надорад, ки ҳузури Ӯро ҳис мекунед ё не. Танҳо бояд оромона шинед ва боварӣ дошта бошед, ки Ӯ шуморо аллакай интизор аст».
2. Чунки бе ин ҳаёти рӯҳонии шумо дилгиркунанда ва суст мешавад. Дигар ходими масеҳӣ боре маслиҳат додааст: «Ман дар ҳама ҷо ба ҳама маслиҳат медиҳам, ки бояд ҳамеша бо Худо мушоракат кунед, вагарна ҷонатон мемирад. Бояд бо Худо қадамгузор бошед, вагарна бо шумо шайтон қадамгузор мешавад. Бояд дар файз нашъунамо кунед, вагарна онро аз даст медиҳед; ва роҳ сӯи ин қадамгузорӣ ва нашъунамо танҳо ба воситаи ҷудо кардани вақт ба Каломи Худост».
3. Танҳо ҳамин тавр ҷони шумо ҳақиқатан хушбахт шуда метавонад. «Худованд хеле хушнуд аст ростиро ба ман омӯзонад, ва ман зиёда аз 14 сол аст, ки аз некӯии он бархурдорам. Маънои асосӣ дар ин аст: ман аниқтар дидам, ки меҳнати асоситарин ва муҳимтарини ҳаррӯзаи ман бояд аз он иборат бошад, ки ҷони худро дар Худованд хушнуд гардонам. Ман бояд пеш аз ҳама на оиди он фикр кунам, ки ба Худованд чӣ қадар хизмат карда метавонам, балки то чӣ андоза метавонам хушбахт бошам, чӣ тавр моҳияти ботинии худро ғизо диҳам» – Ҷорҷ Мюллер (асосгузори сағирхонаҳо барои ятимон дар Англия, асри 19).

Шумо ба зудӣ мебинед, ки ин вақти ҳаррӯза на танҳо омӯзиши Китоби Муқаддас аст. Дар раванди омӯзиши Китоби Муқаддас ман мекӯшам маънои калимаҳоро, бобҳо ба китобҳоро фаҳмам. Аммо ҳангоми муоширaт ман мекӯшам назди Худованд ором шавам, то Ӯ ба воситаи Каломаш бо ман гап зада тавонад.

## Чӣ гуна бояд сар кард

Инак якчанд пешниҳод оиди он ки чӣ гуна бо Каломи Худо муошират кардан мумкин аст:

1. Аз дуо сар кунед. Кӯшиш кунед кор ва ташвишҳои худро фаромӯш намоед. Ором шинед ва ҳаёти худро ба дасти Худо супоред (Забур 5:3; 140:2). Аз Худо хоҳиш кунед, ки ҳангоме оиди Каломи Худо андеша мекунед, бо шумо гап занад.
2. Ягон порчаи кӯтоҳи Китоби Муқаддасро интихоб кунед. Агар хоҳед, метавонед барои худ нақшаи хониши Китоби Муқаддасро тартиб диҳед. Ин беҳтар аз он аст, ки ҳар рӯз порчаеро тахминан интихоб намоед.
3. Ин порчаро бо диққат хонед ва оиди он андеша намоед. Ҷорҷ Мюллер гуфта буд: «Ман фаҳмидам, ки меҳнати муҳимтарине ки худро бояд ба он бахшам, хониши Китоби Муқаддас, андеша оиди он аст, то дили ман тасалло ёбад, устувор шавад, огоҳӣ ёбад, фош карда шавад, панд гирад; то ки ба ҳамин тариқ, ба воситаи Каломи Худо, ҳангоме ман оиди он андеша мекунам, дилам мушоракатро бо Худо сар кунад [то ман тавонам ҳузури Худовандро ҳис кунам ва андешаҳоямро ба Ӯ гӯям]» (Забур 18:14).
4. Оиди маънои порчаи хондаатон андеша кунед, то даме ки онро фаҳмед. Бигузор ба воситаи ин оятҳо Худо бо шумо гап занад. Як ходим гувоҳӣ дода буд: «Ба ман ҳамеша ёрӣ медиҳад, агар ором нишаста, худро пурра барои Рӯҳи Худо кушоям, то ба Ӯ гӯям, ки мехоҳам ҳамаи монеаҳо дар роҳи нумӯи рӯҳониям бартараф шаванд, то ҳар рӯз ҳаётам аз ҳузури Ӯ муқаддас гардад, то вақт, лаёқатҳо, ирода ва ҳамаи он чи дар худ дорам, ба Ӯ бахшам».
5. Андешаҳои худро нависед. Худованд ба шумо бисёр андешаҳои ҳайратоварро мекушояд, ки дар ёд доштан мехоҳед.
6. Ҳар чиро, ки оиди он андеша мекунед, дар дуо ошкор намоед. Аз Худо хоҳиш кунед, то онро дар ҳаёти шумо ва дигарон ба воқеият табдил диҳад. «Ман ошкор намудам, ки натиҷа амалан ҳамеша як хел аст: пас аз якчанд дақиқа ботини ман аз эътирофи гуноҳҳо, шукргузорӣ, дархост ё илтимос пур мешуд; агарчи вақтро бо дуо гузаронданӣ будам, аммо дар натиҷа ба ҳар ҳол дуо ҳосил мешуд. Сипас ман сӯи суханон ё оятҳои навбатӣ меравам, боз ба дуо барои худ ва дигарон мегузарам –

ва ҳамин тариқ Калом маро роҳнамоӣ мекунад, аммо дар айни ҳол ҳамеша дар пешам ғизоеро барои ҷонам мегузорад, ки он объекти андешаронии ҳои ман аст» – Ҷорҷ Мюллер.

7. Дар давоми рӯз фикрҳои худро ба атрофиён расонед. Ин ёрӣ медиҳад, то он чиро, ки дар бораaш андеша мекардед, беҳтар дар ёд нигоҳ доред, дигарон бошанд шарики баракати шумо мешаванд (Малокӣ 3:16).

## Чӣ гуна бояд давом дод

Шумо мебинед, ки ҳар рӯз барои чунин машғулият вақт ҷудо кардан бароятон душвор хоҳад буд. Инак баъзе вазъиятҳое ки ба шумо халал хоҳанд расонд:

1. Низоми бошитоби ҳаёти имрӯза. Бисёр ӯҳдадориҳо ба мо фишор меоваранд. Ва ҳамаи ин ӯҳдадориҳоро иҷро карданӣ шуда, мо чунон мешитобем, ки аксаран оиди Калом фаромӯш мекунем (Ниг. Луқо 21:34).
2. Норасоии интизом (худро идора карда натавонистан). Мо пагоҳиҳо бедор шуда, хастагӣ ва вазнинӣ ҳис мекунем. Ва ба ҷои он ки Китоби Муқаддасро хонем, мехоҳем боз андаке хоб равем. «Рӯҳ бардам аст, лекин ҷисм нотавон» (Матто 26:41).
3. Бесарусомонии фикру хаёлҳо. Дар шуури мо бисёр андешаҳо парвоз мекунанд. Ва мо диққатро ба кори мекардаамон равона карда наметавонем. Агар мо андешаҳоямонро баён намоем, ин барои ҳалли масъала ёрӣ мерасонад. Ё он чиро, ки ба фикру хаёлатон меояд, дар дафтарча нависед; ҳамин тариқ метавонед ин фикрҳоро тарк кунед, зеро акнун навишта шудаанд ва фаромӯш намегарданд, ва шумо метавонед оромона оиди Каломи Худо фикр кунед.
4. Чизи хондаро фаҳмида натавонистан. Агар порчаи хондаамонро нафаҳмем, оиди он андеша кардан ва маънои онро дарёфтан душвор аст. Дар ин маврид тафсирҳои Китоби Муқаддас ёрӣ расонда метавонанд (китобҳое ки ҷойҳои душвори Китоби Муқаддасро маънидод мекунанд).

Бо ёрии Худо шумо метавонед бар ҳамаи монеаҳо, ки ба шумо халал мерасонанд, дастболо шавед. Агар ҳар рӯз барои ғизо гирифтан аз Каломи Худо вақт ҷудо кунед, масеҳии хушбахттар ва барои Худо фоиданоктар хоҳед буд. Атрофиён мебинанд, ки

шумо бо Исо ҳастед (Аъмол 4:13), агарчи шояд худатон надонед, ки чеҳраатон медурахшад (Хуруҷ 34:29).

Ягон порчаи Китоби Муқаддасро хонда ва оиди он андешида, кӯшиш кунед ба худ саволҳои зерин диҳед:

Оё дар ин порча

- оиди гуноҳе гуфта мешавад, ки аз он бояд дурӣ ҷӯям?
- оиди ваъдае гуфта мешавад, ки онро метавонам аз худ ҳисобам?
- оиди фармудае гуфта мешавад, ки онро бояд риоя кунам?
- оиди баракате гуфта мешавад, ки барои он шод буда метавонам?
- оиди нобарорие гуфта мешавад, ки аз он бояд дарси ибрат гирам?
- оиди пирӯзие гуфта мешавад, ки бояд онро ба даст оварам?
- оиди Худо, Худованд Исо, Рӯҳи Пок, одам чизи наве гуфта мешавад?

Кадом ҳақиқати ин порча ба ман таъсири бештар расонд?

**ДАРСИ 6**

# Шахсияти Масеҳ

Тавзеҳ: Дар ин дарс шумо бояд порчаи Ғалотиён 5:22–23-ро аз ёд кунед.

Муждарасони машҳуре дуруст гуфтааст: «Ягона чизе ки барояш бояд ғамхорӣ намуд, он аст, ки одам чӣ гуна метавонад ба Масеҳ монанд шавад, чунки дар назди ин мақсад ҳамаи мақсадҳои дигар бемаъно мешаванд, ҳамаи дастовардҳои инсонӣ арзиши худро гум мекунанд».

Рӯҳи Пок дар шахси имондор боз барои он меҳнат мекунад, ки ӯро ба Масеҳ монанд кунад. Ҳангоме Рӯҳ дар мо қудрат пайдо мекунад, Ӯ дар мо сифатҳоеро инкишоф медиҳад, ки чун «самари Рӯҳ» маълуманд.

Навдаҳои ток самари ангур меоваранд, чунки бо Масеҳ зич алоқаманд ҳастанд, ва дар онҳо ҳаёти Ӯ ҷорист (Юҳанно 15:5).

## Муҳаббат

1Қӯринтиён 13 ба мо аниқ мегӯяд, ки муҳаббат чист. Таҷассуми беҳтарини муҳаббат барои мо Худованд Исои Масеҳ аст. Агар дар оятҳои 4–8-уми ин боб ба ҷои калимаи «муҳаббат» калимаи «Масеҳ»-ро гузоред, хеле хуб садо медиҳад. Барои аниқ кардани он ки оё ин оятҳо ба шумо мувофиқат доранд, ба ҷои калимаи «муҳаббат» номи худро гузоред ва хонда бинед, ки оё ба ҳақиқат монанд аст? Намунаи олии муҳаббат бароямон салиби Ҷолҷолто аст, ки он ҷо Писари муқаддас ва бегуноҳи Худо барои ҷаҳони пур аз гуноҳкорони беитоат ва бадфеъл мурд. «Ҳеҷ гуна муҳаббат бо муҳаббати Ӯ баробар шуда наметавонад!» Самари муҳаббат дар ҳаёти фириста Павлус зоҳир шуд, ҳангоме ӯ ба қӯринтиён менавишт: «Ман бо майли тамом барои ҷонҳои шумо моли худро сарф намуда, ҷони худро хоҳам дод, қатъи назар аз он ки ба бадали муҳаббати зиёде ки ба шумо дорам, аз ҷониби шумо ба худам муҳаббати камтаре мебинам» (2Қӯринтиён 12:15).

## Шодӣ

Дар ин ҷо на дар бораи ҳисси шодӣ ва сабукӣ, балки оиди фурӯтании амиқ ба роҳҳои Худо гуфта мешавад (Филиппиён 4:4). Бинобар ин, агарчи Худованд Исо марди андӯҳҳост, Ӯ ҳамеша ҳақиқатан шодӣ мекард. Шодии Ӯ ҳам дар ҳозира ва ҳам дар оянда буд. Ӯ метавонист гӯяд: «Ғизои Ман он аст, ки иродаи Фиристандаи Худро ба ҷо оварам» (Юҳанно 4:34). Нисбати оянда оиди Ӯ гуфта шудааст: «Ӯ ба ҷои шодие ки Ӯро дар пеш буд, ба хорӣ беэътиноӣ намуда, ба салиб тоб оварð ва ба ямини тахти Худо биништаст» (Ибриён 12:2). Дар дилҳои Павлус ва Сило ҳатто дар лаҳзаҳое ки онҳоро дар Филиппӣ ба зиндон андохтанд, шодӣ буд. «Дар қарибии нисфишаб Павлус ва Сило дуо гуфта, Худоро ҳамду сано мехонданд, ва бандиён онҳоро мешуниданд» (Аъмол 16:25).

## Осоиш

Ин ҳолати оромӣ ва осудагии ботинӣ аст, ки ба ҷони боваркунанда имкон медиҳад аз ҳолати мавҷуда боло баромада, бинад, ки Худо чӣ гуна роҳ медиҳад, амр мекунад ва бар ҳама чиз ҳукмфармоӣ мекунад (Филиппиён 4:7).

Дар порчаи Луқо 8:22-25 Наҷотдиҳанда ба мо тасвири аҷиби осоишро медиҳад. Тӯфон завракро аз як сӯ ба сӯи дигар мепартояд, шогирдон ба ҳарос афтодаанд. Аммо Худованд Исо... дар хоб аст. Ӯ аз ҳама гуна хавотиршавиҳо холист. Мо низ бояд

аз чунин осоише ки Масеҳ ҳангоми дар замин чун Одам зистанаш дошт, ҳаловат барем (Қӯлассиён 3:15). Осоиши Ӯ ба ҳамаи онҳое ки оиди Худо фикр мекунанд, ваъда карда шудааст (Ишаъё 26:3), ва Рӯҳи Худо мекӯшад онро дар ҳамаи фарзандони Худо инкишоф диҳад. Осоиш дар ин ҷо метавонад муносибатҳои хурсандонаи имондоронро бо атрофиён ва пеш аз ҳама бо бародарону хоҳарони масеҳии худ ифода кунад.

## Пурсабрӣ

Ин маънои сабру тоқатро дорад – бе шикоят паси сар намудани бадбахтиҳо, ноҳақ азоб кашида интиқомҷӯӣ накардан, ба иғвоҳо тоб оварда хашмгин нашудан (Эфсӯсиён 4:2). Маҳз пурсабрии Писари Худо ба Ӯ қувват дод, то дар салиб чунин дуо гӯяд: «Эй Падар! Инҳоро биомурз, зеро ки намедонанд чӣ мекунанд» (Луқо 23:34). Ҳаёти Айюб дар он намуде ки дар Таврот тасвир шудааст, ба мо намунаи маъруфи пурсабриро медиҳад» (Яъқуб 5:11).

## Олиҳимматӣ

Ин Худованд Исоро ба ёди мо меоварад, ҳангоме шогирдонаш волидонро бо кӯдакон назди Исо роҳ додан намехостанд. Ӯ ба онҳо гуфт: «Кӯдаконро бигзоред, ки назди Ман оянд, ва ба онҳо монеъ нашавед, зеро Малакути Худо ба чунин касон тааллуқ дорад» (Марқус 10:14). Назди Ӯ ҳамеша омадан мумкин буд. Ӯ ҳамеша меҳрубон буд, омода буд гӯш кунад, оромона сӯҳбат намояд. Дар ҷаҳон чунин ҳолатҳо аксаран нишонаи сустӣ ҳисобида мешаванд, аммо барои масеҳӣ ин нишонаи бузургист (Забур 17:35; Эфсӯсиён 4:32).

## Некӣ кардан

Чӣ будани некиро ба мо қисса оиди сомарии некдил нақл мекунад (Луқо 10:30-35). Ин некӣ ба хотири номи Масеҳ аст. Ин корҳои нек нисбати касонест, ки дар ивази некӣ некӣ карда наметавонанд. Ин ҳаётест, ки ба хизмат барои мӯҳтоҷон бахшида шудааст.

## Имон

Ин калима якчанд маъно дошта метавонад:

1. Бовар кардан ба Худо – «Бовари оромона ва устувор ба Падари осмонии дӯстдор» (Маркус 11:23).
2. Бовар кардан ба дигарон – бовар ба некӯии одамон ва муносибати эҳтиёткорона ба овозаҳо оиди дигарон.
3. Вафодорӣ – вафо ба ваъда, поквиҷдонӣ, боваринокӣ (Титус 2:10).

## Фурӯтанӣ

Дастмолро ба камар баста ва пойҳои шогирдонро шуста, Исои Масеҳ ба мо чунон намунаи фурӯтаниро нишон дод, ки онро фаромӯш карда наметавонем (Юҳанно 13:1-17). Ӯ бузургӣ ва қудрати беандозаи Худоро дошт, аммо дар айни замон ҳақиқатан фурӯтан буд. Ӯ барои Худ фоидае намеҷуст, на ҳамеша оиди Худ фикр мекард; Ӯ мавқеи поёнтаринро ишғол намуд (1Тимотиюс 6:11).

## Худдорӣ

Ин идора карда тавонистани худ аст. Ин сифат ба майлу рағбатҳои мо муносибат дорад. Мо бояд пок бошем, худро назорат кунем, ба майлҳои худпарастона ва қудрати чизҳое ки худ аз худ бадие надоранд, дода нашавем. Масеҳӣ бояд донад, ки ҳаёти бонизом ва ботартиб чист. Агар қувваеро, ки Худо ба мо додааст, дуруст истифода бурданамон лозим бошад, онро бояд ба иродаи худ тобеъ намоем, ба Рӯҳи Поки Худо вобаста гардонем. Ва ҳеҷ гуна одатҳои бад набояд бар мо ҳукмфармо бошанд.

Роберт Чепмен ҳамеша мегуфт: «Чун дидам, ки одамони зиёде Масеҳро мавъиза менамоянд, аммо кам касон дар Масеҳ зиндагӣ мекунанд, қарор додам, ки дар Ӯ зиндагӣ кунам».

Д. Дарбӣ оиди Чепмен гуфтааст: «Он чи ман таълим медиҳам, барои Ӯ тарзи зиндагист».

Оиди Вилям Арнотт гуфта шудааст: «Мавъизаҳои Ӯ хуб буданд, асарҳояш боз ҳам беҳтар, аммо ҳаёташ аз ҳама беҳтар буд».

Ин ҳама одамоне буданд, ки дар ҳаёташон самари Рӯҳ баръало аён буд. Бигузор хоҳиши калонтарини мо он бошад, ки Худои тавоно дар мо Масеҳро офарад, ки Ӯ умеди ҷалоли мост (Ғалотиён 4:19; Қӯлассиён 1:27).

## ДАРСИ 7

# Дар омӯзиш

Ҳар як масеҳӣ бояд барои худ китобхонаи китобҳои фоиданокро оиди Китоби Муқаддас гирд оварад.

# Симфония (оятёб)

Китоби фоиданоктарин симфония, яъне оятёб аст. Ин рӯйхати алифбоии ҳамаи калимаҳои дар Китоби Муқаддас истифодашуда бо ишораи оят (китоб, боб ва оят) аст. Оятёб барои ёфтани ҳар оятест, ки ба шумо даркор шуда метавонад. Масалан, агар ёфтан хоҳед, ки дар кадом оят суханони зерин гуфта шудаанд: «Худо он касро дӯст медорад, ки сахӣ бошад», дар оятёб ёфтани яке аз ин калимаҳо кофист: «Худо», «касро», «дӯст», «медорад». Бо ёрии оятёб дар ҷойҳои гуногуни Китоби Муқаддас чӣ гуна истифода шудани калимаҳои гуногунро дидан мумкин аст. Ҳамин тариқ оятёб ба хонанда тамоми маъноҳои ин калимаро ошкор менамояд. Масалан, метавонед истифодаи калимаи «дар»-ро аз Ҳастӣ 6:16 то Ваҳй 4:1 таҳқиқ кунед, то фаҳмед, ки Масеҳ чиро дар назар дошт, вақте гуфт: «Ман дар ҳастам!» Қариб ҳамаи имондорон аз оятёб истифода мекунанд.

# Луғатномаҳои Китоби Муқаддас

Луғатномаҳои Китоби Муқаддас бисёр фактҳоро оиди таърих, ҷуғрофия ва ҳаёти одамон дар бар мегиранд. Онҳо нисбати он чи дар ҳар як қисми Китоби Муқаддас гуфта шудааст, нуқтаи назари кӯтоҳ, умумиро медиҳанд. Дар онҳо аксар вақт суратҳо ҳастанд. Луғатномаҳои Китоби Муқаддас хеле муҳиманд, чунки ба мо оиди зиндагӣ дар замони навишта шудани Китоби Муқаддас тасаввуроти дуруст медиҳанд. Онҳо оиди бисёр омилҳое мегӯянд, ки Китоби Муқаддасро барои мо боз ҳам аҳамиятноктар мекунанд.

# Тафсирҳо (маънидодҳо)

Бисёр тафсирҳои Китоби Муқаддас ҳастанд. Инҳо китобҳое мебошанд, ки барои фаҳмидани маънои порчаҳои гуногун ё

оятҳои алоҳидаи Китоби Муқаддас ёрӣ мерасонанд. Тафсирҳое ҳастанд, ки дар як китоб тамоми Китоби Муқаддасро дар бар мегиранд. Баъзе тафсирҳои якҷилдаро як муаллиф навиштааст, баъзеи дигарро якчанд муаллифон навиштаанд. Масалан, китоби Вилям Макдоналд «Тафсири Китоби Муқаддас барои масеҳиён. Инҷил»-ро тавсия намудан мумкин аст.

Бисёр тафсирҳо оиди қисмҳои алоҳидаи Китоби Муқаддас, оиди бисёр мавзӯъҳои он, оиди таълимотҳои он, оиди бознигарии он, оиди шахсиятҳои он, оиди мавзӯъҳое ки ба он муносибат доранд, ҳастанд. Дар байни онҳо тафсирҳои шоёни диққат ҳастанд, аммо ба қисми дигари онҳо боварӣ кардан хатарнок аст. Шумо бояд диққати худро ба он тафсирҳое равона кунед, ки муаллифонашон муаллимони хирадманди ҳақиқати Худо буданашонро исбот кардаанд. Ҳангоме таҷриба ба даст меоваред, метавонед бо асарҳои муаллифони гуногун ошно шуда, барои худ интихоб кунед, ки кадоми онҳо хубанд ва ба кадомашон диққат додан намеарзад.

Инак номгӯи баъзе муаллифон, ки хондани китобҳояшон ба шумо нафъи зиёд меоварад: К. Люис, Эрвин Лютсер, Ҷон Мак-Артур, Чарлз Райрӣ, Ҷон Стотт, Ч. Сперҷен, Гриффин Томас, Э. Тоузер.

## Баёнҳо

Омӯзиши ҷиддии Китоби Муқаддас аз назари умумӣ ба он сар мешавад. Пеш аз омӯхтани ҷузъиёти ягон қисми Китоби Муқаддас шумо бояд оиди тамоми он назари васеъ дошта бошед. Дар ин маврид китоби Роберт Гандрӣ «Баёни Инҷил»-ро тавсия кардан мумкин аст. Шумо баёни кӯтоҳи Китоби Муқаддасро дар курси мактаби ғоибонаи Аммоус «Баёни кӯтоҳи Навиштаҳо» пайдо карда метавонед.

## Китобҳои таълимотӣ

Агар оиди ҳақиқат фаҳмиши амиқ доштан хоҳед, бояд таълимотҳои бузурги Китоби Муқаддасро омӯзед. Дар ин маврид китоби Миллард Эриксон «Илоҳиёти масеҳӣ» ёрӣ дода метавонад. Ҳамчунин метавонед ба нашрияи таълимии зерин диққат диҳед: «Ҷавобҳо ба 125 саволи Китоби Муқаддас. Китоби корӣ барои дарсҳои илоҳӣ».

## Китобҳои амалӣ

Дар китобхонаи шумо бояд китобҳо оиди ҳаёти ҳаррӯзаи масеҳӣ бошанд. Ҳаёти масеҳиёни бузург дар ҳама замонҳо шавқовар ва шоёни омӯзиш буд. Оиди ҳаёти Ч. Финней, Д. Мудӣ, Ч. Сперҷен, Ч. Стад ва Ҳадсон Тэйлор, Вилям Кэрей, Дэвид Ливингстон, Ҷорҷ Мюллер омӯхта, шумо ҳатман ба онҳо монанд шудан мехоҳед. Хондани қиссаҳо оиди чунин занҳо, ба монанди Изабел Кун, Глэдис Эйлворд барои бисёриҳо баракате шудааст. Ба ин мавзӯъ китобҳои Йоҳаннес Раймер («Мӯъҷиза дар дарёи Об», «Воизони аввалини Инҷил дар Қирғизистон», «Башоратдиҳӣ дар рӯ ба рӯи марг», «Фирор»), Владимир Мартсинковский («Ёддоштҳои имондор»), Павел Ҷалетт («10 сол дар шимол»), Рут Ҷонсон («Агентҳои Худо»), ва низ Ҷон Фокс («Китоби риёзаткашон») оид мебошанд.

## Пешниҳодҳои амалӣ

Барои масеҳии навимон душвор аст қарор диҳад, ки хонданро аз чӣ сар кунад. Метавон аз тартиб додани нақшаи «Китоби моҳ» сар кард. Шумо ҳар моҳ ақаллан як китоб харида, мехонед. Як моҳ шумо китоберо оиди омӯзиши Китоби Муқаддас мехонед, моҳи дигар метавонед китоберо хонед, ки ба ҳаёти амалии масеҳӣ бахшида шудааст.

Бисёр китобҳое ки дар асл бо ҳақиқати Китоби Муқаддас умумияте надоранд, метавонанд касро саргум кунанд. Ба шумо харидани китобҳои танҳо он нашриётҳоеро тавсия медиҳем, ки ба онҳо боварӣ кардан мумкин аст. Аз масеҳиёни таҷрибанок пурсед, ки ба кадом муаллифон бештар боварӣ кардан меарзад. Мо, масалан, ба шумо китбҳоеро тавсия медиҳем, ки нашриёти «Библия для всех» ва нашриёти «CLV» нашр намудааст.

Ва дар ёд нигоҳ доред, ки курси «Аммоус» метавонад бунёдгузори хониш, омӯзиш ва инкишофи рӯҳонии шумо гардад. Бисёр курсҳо китобҳоро барои хониши минбаъда пешниҳод мекунанд. Хуб мешуд, ки рӯйхат тартиб дода, китобхонаи худро ба воситаи он пурра кунед.

Агар китобҳое ки харидан мехоҳед, дигар чоп намешуда бошанд, онҳоро дар китобхонаҳои ҷамоатҳои масеҳӣ ёфта метавонед. Ҳар як ҷамоат бояд оиди он ғамхорӣ кунад, ки китобхонаи ҷамоавии худро дошта бошад. Ба аъзоёни ҷамоат адабиёти хуби рӯҳониро пешкаш намудан муҳим аст. Шубоне ки

барои имони солими аъзоёни ҷамоат масъулият ҳис мекунад, барои китобхонаи ҷамоат адабиёти хубро ҷуста, ба даст меоварад.

Павлус ба Тимотиюс навишта буд: «Бо қироат (китобхонӣ) машғул шав» (1Тимотиюс 4:13). Ин барои мо низ муҳим аст.

**ДАРСИ 8**

# Ба ҳамаи офаридаҳо

Ҳамаи масеҳиён бояд оиди хизмати масеҳӣ фикр кунанд, зеро он қисми ҷудонашавандаи масеҳият аст (Матто 28:18-20). Агар касе Хушхабарро ба канорҳои дурдасти замин расондан намехост, мо ҳеҷ гоҳ онро намешунидем. Худи мо низ бояд ҳама корро барои ба одамон расондани он кунем (Румиён 1:14).

Аксари имондорон савол медиҳанд: «Ман барои ба одамон ёрӣ расондан чӣ кор карда метавонам?» Онҳо оиди кори миссионерӣ кам медонанд ва омӯхтан мехоҳанд, аммо намедонанд, ки чӣ гуна бояд омӯзанд.

Якчанд вариантҳо ҳастанд, ки метавонед ба онҳо пайравӣ карда, масеҳиёни бодиққат ва ба хизмати миссионерӣ дахлдор гардед, – чуноне ки бояд бошед.

## Барои миссионерон дуо кунед

Дар рӯйхати корҳои зарурии шумо ин бояд дар ҷои аввал бошад. Ҳеҷ кас дониста наметавонад, ки дуо барои меҳнати башоратдиҳии ҷаҳон то чӣ андоза муҳим аст.

Аксар вақт дуоҳои мо беҳуда мегузаранд, чунки беҳад умумӣ мебошанд. Агар чунин дуо кунед: «Худовандо, миссионерони тамоми ҷаҳонро баракат деҳ», ба зудӣ таваҷҷӯҳатон нисбати чунин дуо гум мешавад, зеро намедонед, ки Худо ба он кай, дар куҷо ва чӣ гуна ҷавоб дод.

Шумо бояд рӯйхати дуоҳоро оиди миссионерон дошта бошед, ки дар онҳо номҳои миссионерони мешинохтаатонро зикр кунед. Ҳар боре ки бо миссионер шинос мешавед, метавонед шубҳае накунед, ки Худо ин вохӯриро беҳуда ташкил накардааст. Шояд Ӯ мехоҳад, ки шумо барои ӯ дуо кунед.

Бисёр миссионерон ба имондорони шавқманд варақаҳои дуоии худро бо сурат, ном ва нишонии худ медиҳанд ва хоҳиш мекунанд, ки оиди онҳо дуо кунанд. Як ҷавон тамоми девори хонаашро бо чунин варақаҳо пур кардааст ва дуо карданро оиди ҳар кадоми онҳое ки дар сурат акс ёфтаанд, фаромӯш намекунад.

Харитаи калони ҷаҳон ба шумо ёрӣ медиҳад, то ба хизмати миссионерӣ таваҷҷӯҳ дошта бошед. Дар он метавонед бо қаламҳои ранга ҷойҳоеро ишора кунед, ки миссионероне ки оиди онҳо дуо мегӯед, хизмат мекунанд. Шумо беҳтар хоҳед донист, ки маҳз оиди чӣ дуо гӯед, дуоҳоятон ҷиддитар хоҳанд буд. Агар аз дуоҳо хаста шавед ва фикр кунед, ки онҳо арзиши зиёд надоранд, мукофоти амали худро ба ёд оваред: дар осмонҳо шумо ба шарофати дуоҳоятон бисёр африқоиҳо, хитоиҳо ва эскимосҳоро хоҳед вохӯрд.

Дар кишварҳои муштарак-ул-манофеъ (СНГ) аллакай якчанд миссияҳо ҳастанд, ки миссионеронро ба нуқтаҳои гуногуни кишварҳои муштарак-ул-манофеъ ва ҳатто ба кишварҳои дур дар қитъаҳои Африқо, Осиё ва Америкои Ҷанубӣ равона мекунанд. Ба шубони ҷамоати худ ё бевосита ба идораи деноминатсияи худ муроҷиат кунед, ки ба шумо адресҳои ин миссияҳоро фиристанд, то бо онҳо робита карда тавонед. Шояд ин миссияҳо аз таваҷҷӯҳи шумо шод мешаванд ва эҳтиёҷоти дуоӣ, адресҳо ва дигар маълумоти фоиданокро оиди миссионеронашон ба шумо мефиристанд.

# Бо миссионерон робита дошта бошед

### 1. Мактубҳо нависед

Миссионерон одамоне монанди мову шумо мебошанд, ва мактуб гирифтан ба онҳо маъқул аст. Оё миссионере ҳаст, ки аз шумо мактуб гирифта бошад? Онҳо аз ҳама гуна хабар аз ватан шод мешаванд. Онҳо ба саволҳоятон оиди хизмат бо хушнудӣ ҷавоб мегардонанд. Онҳо оиди мушкилоти худ ба шумо мегӯянд. Он гоҳ шумо метавонед барои онҳо аниқтар дуо гӯед, зеро мефаҳмед, ки маҳз оиди чӣ дуо гуфтан даркор аст.

### 2. Тӯҳфаҳо фиристед

а) Пул. Онро бевосита ба миссионер дар шакли пулгузаронии байналмилалӣ ба воситаи почта фиристодан мумкин аст. Метавонед аз пулгузаронии байналмилалии бонкӣ истифода баред. Дар ҳамаи шаҳрҳои ҷаҳон аз системаи пулгузаронии

бонкии «Вестерн Юнион» истифода бурда, ба миссионерон пул фиристодан мумкин аст. Метавонед аз худи миссионер роҳи беҳтари фиристодани пулро ба кишваре ки ӯ он ҷо хизмат мекунад, пурсед. Дар ҳар кишвар шароитҳои гуногун ҳастанд.

Роҳи дигари фиристодани пул – ҳангоми парастиш дар ҷамоат ҷамъ овардани хайрот барои миссионерони муайян аст. Агарчи ин хусусияти шахсӣ надорад, ҷамоат ба осонӣ метавонад он пулҳоро ба миссионер фиристад. Чунин ҷамъовариҳои умумӣ ақида ва таваҷҷӯҳи ҷамоати маҳаллиро ба кори миссионерии ҷаҳонӣ инкишоф медиҳанд!

Ҳамчунин метавонед ба адреси хизматгузориҳо ё ташкилотҳои миссионерӣ пул фиристед, ва онҳо пулро ба миссионерон равон мекунанд. Дар ин маврид бояд аниқ кунед, ки оё ин ё он ташкилот боварибахш аст, оё хизмати миссионериро фаъолона ба ҷо меоварад. Ҳамчунин боварӣ ҳосил кунед, ки оё пули шумо маҳз ба ҳамон миссионере ки барояш пул фиристодаед, расидааст ё не.

Масеҳиён ба миссияҳое ки ақаллан ягон ҳақиқати масеҳиро рад мекунанд, набояд ёрӣ расонанд. Чунин миссияҳо ба кори Худо монеа мешаванд.

б) Либоси кӯҳна барои эҳтиёҷмандон. Ин қариб ҳамеша маъқул дониста мешавад. Як миқдор либосҳое ки ба касе тӯҳфа карда шудааст, метавонад қадами аввале ба он шавад, ки ин шахс ба Хушхабар таваҷҷӯҳ пайдо кунад. Бо мурури замон ин метавонад ӯро водор кунад, ки аз бутҳои худ рӯ гардонад ва хизматро ба Худои зинда сар кунад. Ҳатман боварӣ ҳосил кунед, ки либоси фиристодаатон тоза, дар ҳолати хуб ва мувофиқи иқлими кишваре бошад, ки либосҳоро ба он ҷо мефиристед.

в) Китобҳо, маҷаллаҳо, хӯрокворӣ ва ғайра. Посилкаҳои хурд аз ватан ба миссионерон, ки дур аз ватан хизмат мекунанд, ҳамеша писанд меояд. Бо мурури он ки миссионеронро хубтар мешиносед, хубтар хоҳед донист, ки ба онҳо чӣ фиристодан даркор аст. Аз миссионер ё каси дигар аниқ кардан даркор аст, ки посилкаҳоро чӣ гуна фиристодан ва ба расмият даровардан беҳтар аст. Агар посилка дуруст ба расмият даровarда нашуда бошад, ба миссионер лозим меояд, ки барои гирифтани он пул диҳад.

Дар он ҷое ки хоҳиш ҳаст, роҳи ҳал низ ҳаст. Агар шумо ҳақиқатан барои ёрӣ ба хизмати миссионерӣ хайроти саховатмандона кардан хоҳед, Худованд ба шумо нишон медиҳад, ки чӣ гуна ин корро кардан даркор аст. Як соҳибхоназани имондор ҳар тобистон дар мағозаи гулфурӯшӣ кор мекунад, то ки баъд тамоми музди корашро барои ёрӣ ба миссияҳои хориҷӣ равон кунад. Сарватманди англис Роберт Арлингтон аз Лидс, хатмкардаи донишгоҳи Кембриҷ, дар ҳуҷраи хурд мезист ва худаш хӯрок мепухт, то ки барои хизмати миссионерӣ пул сарфа кунад. Дар давоми 25 сол ӯ барои хизмат дар минтақаҳое ки ҳанӯз ҳеҷ кас Хушхабарро нашунидааст, 2 800 000 доллар додааст. Пас аз маргаш варақи коғазеро ёфтанд, ки дар он ӯ навишта буд: «Ман ба хотири нобуд нашудани одамоне ки оиди Масеҳ донистан мехоҳанд, бо хушнудӣ тайёрам дар фарш хобам, дар болои ягон қуттӣ нишаста, қуттии дигареро ба ҷои миз истифода барам».

# Оиди миссионерон маълумот пайдо кунед

### 1. Оиди миссионерон китобҳои хуб хонед

Ин барои фаҳмидани мушкилиҳо, нохушиҳо, рӯҳафтодагиҳои бо ин хизмат алоқаманд ёрӣ медиҳад, таваҷҷӯҳи шуморо нисбати бисёр ходимони вафодори Худо бедор мекунад. Аз шубони ҷамоат ё аз мағозаҳои китобфурӯшӣ китобҳоро оиди миссионерон пайдо кунед. Ҳамчунин метавонед ба нашриёти «Библия для всех» дар Санкт Петербург ба адреси 195009, С.-Петербург, кӯчаи Лебедев, 31, 9Н муроҷиат кунед.

### 2. Маҷаллаҳои миссионериро хонед

Аз онҳо шумо мефаҳмед, ки ҳақиқат дар асл «аз қиссаҳои бофта аҷибтар аст» (назар ба қиссаи бофта ба ҳақиқат бовар кардан душвортар аст). Ҷавобҳои ҳайратовар ба дуоҳо ва пирӯзиҳои Хушхабар, ки дар онҳо тасвир ёфтаанд, шуморо водор мекунанд аз масеҳӣ будани худ фахр намоед, хоҳиши боз ҳам беҳтар шудан пайдо кунед.

### 3. Миссионеронро ба хонаатон даъват намоед

Агар миссионерон ба ҷамоати шумо оянд, метавонед ба онҳо некӣ кунед. Одатан ба онҳо ҷои шабгузаронӣ даркор мешавад. Оилаҳои масеҳӣ баракати зиёдеро соҳиб мешаванд, агар миссионерон имкон пайдо кунанд, ки дар хонаҳои онҳо меҳмон шаванд (Ибриён 13:2).

# Миссионер шавед

Ва ниҳоят, метавонед хоҳиши миссионер шудан пайдо кунед, агар Худованд  шуморо даъват кунад. Шумо танҳо бояд пурра ба Худо итоат кунед, то Ӯ боварӣ карда тавонад, ки шумо ба хизмати бечуну чаро тайёред. «Ба номи Худованд аз шумо илтиҷо мекунам, – гуфтааст нависандае, – ба абадият бо либоси олуда аз хуни ҷони касе наравед, балки худро пурра ба ихтиёри Худованд ва Устоди худ супоред».

Албатта, баробари аз уқёнус гузаштан шумо миссионер намешавед. Дарҳол назди Масеҳ овардани одамонро сар кунед. Касе хуб гуфтааст: «Ҳар кас ё миссионер аст, ё майдони фаъолияти миссионер». Аз хонаи худ, аз «Уршалим»-и худ сар кунед (Аъмол 1:8), ва Худо баъд метавонад шуморо «то ақсои

(канорҳои дурдасти) замин» фиристад, то ба одамон оиди Ӯ гап занед.

**ДАРСИ 9**

# Ман, пулҳоям ва Худо

Муваккал шахсест, ки барои моликияти касе масъулият дорад ё корҳои касеро пеш мебарад. Ҳар масеҳӣ муваккали он чизест, ки Худо ба ӯ супурдааст. Ҳамаи он чи мо дорем, – вақт, лаёқатҳо, пул – ба Худо тааллуқ дорад ва бояд ба хизмати Ӯ, барои шукӯҳи Ӯ равона карда шавад (1Петрус 4:10).

Дар ин дарс мо асосан оиди он гап мезанем, ки пулҳоямонро ба чӣ кор истифода барем. Аммо ин принсипҳо барои тамоми он чи дорем, қобили истифода мебошанд.

*Аз они Ӯст ҳар он чи дорам,*
*Ба Исо ман тааллуқ дорам;*
*Дар умедворӣ, фурӯтанӣ*
*Ман пеши Ӯ қадамгузорам.*

*Бегуфтугӯ, ҳар он чи дорам,*
*Пеши пойҳои Ӯ мениҳам.*
*Тарк карда давуғеҷи заминиро,*
*Ман сӯи осмонҳо меравам.*

*Ман ҳама чизамро медиҳам,*
*Ман ҳама чизамро медиҳам;*
*Ҳамаро ба Ту, Наҷоткорам,*
*Ман ҳама чизамро медиҳам.*

## Муносибати дуруст

Худованд Исо гуфтааст: «Ҳаёти одам ба фаровонии дороии вай вобаста нест» (Луқо 12:15). Дигар хел карда гӯем, ҳаёти воқеӣ ба андозаи дороии мо вобаста нест. Ба ҷои он ки тамоми қувваро барои хушбахтии оянддаи худ равона кунад, масеҳӣ мекӯшад соддатар зиндагӣ кунад, то қувваи бештареро ба меҳнати Худо равона кунад. Уилям Бёрнс, миссионере ки дар

Хитой кор мекард, ҳамеша мегуфт: «Агар кас дар дил Худо, дар пеши назар осмонҳо, ва ба қадри даркорӣ баракатҳо дошта бошад, дарду азобҳо ӯро рӯҳафтода намекунанд, ва ӯ ҳамаи он чиро, ки барои дар замин ва дар рӯ ба рӯи осмонҳо хушбахт будани гуноҳкори оддӣ даркор аст, хоҳад дошт». Дигар ходими Масеҳ, Ҳадсон Тэйлор, доимо тамоми дороии худро тафтиш мекард, то ҳамаи он чи барои тайёрӣ ба бозгашти Худованд "нодаркор" аст, аз хона дур карда шавад».

«Аз муваккалон талаб карда мешавад, ки ҳар яке амин барояд» (1Қӯринтиён 4:2). Бинобар ин, оиди чизҳои аз ҷониби Худованд ба ӯ супурдашуда ғамхорӣ карда, ҳар имондор бояд ба хайрот аҳамияти ҷиддӣ диҳад.

## Роҳи дуруст

### 1. Кай ман бояд хайрот кунам?

Шумо бояд доимо хайрот кунед. Дар 1Қӯринтиён 16:2 мо мехонем: «Дар рӯзи якуми ҳафта бигзор ҳар яке аз шумо, мувофиқи даромадаш, назди худ пасандоз карда нигоҳ дорад». Аз афти кор, масеҳиёни аввалин ҳар рӯзи якшанбе як қисми даромади якҳафтаинаи худро хайрот мекарданд.

### 2. Ман чӣ қадар бояд хайрот кунам?

Касе пешниҳод кардааст, ки беҳтараш чунин савол диҳем: «Ман барои худ чӣ қадар боқӣ гузорам?» Ҳамаи он чи мо дорем, ба Худованд тааллуқ дорад! Чӣ қадар додани ман бояд дар дуо байни ману Худованд муқаррар карда шавад. Аммо қоидаҳои зерин барои шумо фоиданок буда метавонанд:

а) Ман бояд ба он андозае ки Худо маро ғанӣ гардондааст, хайрот кунам (1Қӯринтиён 16:2) – ҳамааш ба он вобаста аст, ки Худованд барои дарёфтани чӣ миқдор пул ба ман ёрӣ дод.

б) «Ман бояд "саховатмандона" диҳам» (1Қӯринтиён 9:6) – бисёр ва бо дасти кушод.

в) Ман бояд аз они худро диҳам (2Қӯринтиён 8:1-5) – Масеҳ маҳз ҳамин хел хайрот мекард. Ӯ сарватманд буд, аммо бенаво шуд, то ки мо ба воситаи бенавоии Ӯ сарватманд шавем (2Қӯринтиён 8:9). Оилае шири беравған мехӯрдагӣ шуд, то ки барои хизмат ба Худо пули бештар сарфа кунад. Оилаи дигар гӯшти арзон мехарид, ва дар натиҷа имконияти бештаре пайдо

намуд, то ба ҷамоат хайрот кунад. Ҳар кас метавонад барои хариди пӯшок пули камтар сарф намуда, танҳо чизҳои ҳақиқатан даркорӣ харад, ва ба ҳамин восита пул сарфа кунад.

г) Ман бояд мутаносибан хайрот кунам (Масалҳо 3:9-10) – мувофиқи он миқдори пуле ки ба даст меоварам. Дар Таврот Худованд ба исроилиён фармуд, ки даҳяки даромади худро диҳанд (Ибодат 27:30-32). Масеҳиён чунин қоидаи ҳатмӣ надоранд, аммо онҳо набояд бо он қаноат кунанд, ки метавонанд аз банӣ Исроил камтар хайрот кунанд. Агар даромадамон зиёд шавад, хайротамон низ бояд зиёд гардад, то ки ақаллан ба даҳяк баробар шавад. Як ходими масеҳӣ қарор дод, ки нисфи музди меҳнати худро барои хизмат диҳад. Як соҳибкор ба Худованд 90 фоизи даромади худро медиҳад.

**3. Бо кадом рӯҳия ман бояд хайрот кунам?**

Мо бояд аниқ тасаввур кунем, ки хайрот кардан на танҳо корест, ки мо бояд кунем; ин шодӣ ва шараф аст. Аз 2Қӯринтиён 9:7 мефаҳмем, ки мо бояд ин гуна хайрот кунем:

а) мақсаднок – на бефикрона;
б) бо хоҳиш – на маҷбурӣ;
в) бо шодӣ – ё мувофиқи маънои ин калима дар матни асл, “хурсандона”;

Дар ҳамин ҷо бояд илова кард:

г) пинҳонӣ – то ки дигар одамон набинанд (Матто 6:2-4; Луқо 18-12);
д) софдилона – набояд барои худ як қисмро пинҳон намуда, вонамуд кунем, ки ҳар он чи дорем, медиҳем (Аъмол 5:1-4).

**4. Ман бояд ба кӣ хайрот кунам?**

Мо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем: ҳамаи он чи мо хайрот мекунем, барои *Худованд* аст. Ҳангоме ки мо барои хизмати Ӯ ё барои ходимони Ӯ қурбонӣ мекунем, дар асл ба Ӯ қурбонӣ мекунем. Масеҳии ҳақиқӣ ҳеҷ гоҳ дар аниқ кардани он душворӣ намекашад, ки ба кӣ хайрот кунад. Ӯ ҳамеша барои он хайрот мекунад, ки ба паҳншавии Хушхабар дар тамоми ҷаҳон мусоидат кунад.

Мо бояд одат пайдо намоем, ки ба инҳо хайрот кунем:

а) ба ҷамоати маҳаллӣ: кори ҷамоатро дастгирӣ кардан даркор аст, ҳар яки мо бояд бо хушнудӣ ба ин мусоидат кунад:
б) ба бенавоён (Ғалотиён 2:10);
в) ба бевазанон (1Тимотиюс 5:3-4);
г) ба ходимони Калом (1Тимотиюс 5:17-18);
д) ба ходимони масеҳӣ, ки ба Китоби Муқаддас пурра мувофиқат мекунанд, ва Худоро шод мегардонанд.

## Баракат

Худованд Исо гуфтааст: «Додан аз гирифтан беҳтар аст» (Аъмол 20:35). Бешубҳа, ҳар масеҳӣ боварӣ ҳосил кардааст, ки ҳақиқатан ҳамин тавр аст. Инак танҳо якчанд натиҷаҳои майл ба хайрот намудан.

1. Баракати моддӣ (Масалҳо 3:9-10). Ин маънои онро надорад, ки ҳатман пули зиёд ба даст меоваред. Худо хирадманд аст ва сарватҳои моддиро на ба ҳамаи мо боварӣ карда месупорад. Балки ин маънои онро дорад, ки Худо эҳтиёҷоти ҳаррӯзаамонро ба қадри кофӣ пур мекунад (Филиппиён 4:19). Аҳамият диҳед, ки ин ваъдаи Худо аз пайи ояте меояд, ки дар он оиди хайрот гуфта мешавад (18) – ҳангоме ки филиппиён хайрот ҷамъ карда, ба Павлус фиристоданд.
2. Инкишофи рӯҳонӣ (Луқо 16:11). Агар мо дар сарвати ноинсофона (моликияти заминӣ) вафодор бошем, Худо ба мо сарватҳои ҳақиқиро низ медиҳад (дониши рӯҳонӣ ва сарватҳои рӯҳонӣ).
3. Хушбахтӣ (Малокӣ 3:10). «Баракат» маънои хушбахтиро дорад. Худо ба хайроткунанда чунон баракати фаровонро медиҳад, ки аз он чи ӯ тахмин карда метавонист, хеле афзунтар аст.
4. Онҳое ки шуморо дар осмонҳо пазироӣ мекунанд (ниг. Луқо 16:9). Одамоне ки аз ҷумла ба шарофати хайроти мо барои башоратдиҳӣ наҷот ёфтаанд (пулҳои мо – «сарвати ноинсофона» аст), пас аз марги мо ё ҳангоме ки Худованд моро бо Худ мегирад, дар осмонҳо («масканҳои ҷовидонӣ») моро пешвоз мегиранд.

5. Сарватҳо дар осмонҳо (Луқо 18:22). Агар мо ба хотири Худованд ақаллан як коса об диҳем, моро мукофот интизор аст (Марқус 9:41).

Касе гуфтааст, ки шодии хайрот кардан – шаш омили ҳайрат аст.

1. Ҳайрон шудан аз он миқдор пуле ки барои хизмат ба Худованд дорем.
2. Ҳайрон шудан аз инкишофи ҳаёти рӯҳониамон.
3. Ҳайрон шудан аз он, ки қонеъ кардани эҳтиёҷоти худамон то чӣ андоза осон аст.
4. Ҳайрон шудан аз он, ки барои Худованд ҳарчи бештар хайрот кардан то чӣ андоза осон аст.
5. Ҳайрон шудан аз ҳисси афзуншавандаи масъулият барои он чи ба мо Худо медиҳад.
6. Ҳайрон шудан аз худ барои он ки чаро пеш барои Худованд хайрот накардаем.

**ДАРСИ 10**

# Мард, зан ва Худо

Яке аз роҳҳои барои фаҳмиши одамӣ даркнопазир «роҳи мард сӯи ҷавондухтар» аст (Масалҳо 30:19). Мувофиқи он табиате ки Худо ба мо додааст, ҷавонон ҳамеша ба намояндагони ҷинси муқобил майл доштанд. Тартиби ашёҳо дар ин маврид одатан як хел аст: дӯстӣ, муҳаббат, ишқварзиҳо ва базми арӯсӣ.

Масеҳиёни ҷавоне ки ба Худо писанд омадан мехоҳанд, медонанд, ки ин ҷиҳати хеле муҳими зиндагӣ аст. Ҳангоме ки дӯстии мо бо дуо ва баракати Худо ташаккул меёбад, ин барои некӣ ва ҳаёти комил қувваи бузурге мешавад. Аммо агар имкон диҳем, ки ба интихоби дӯстон шайтон таъсир расонад, ҳаёти мо барои Худо нобудшуда ва бесамар буда метавонад.

## Ташаккули муносибатҳои дӯстона

Дар ташаккули муносибатҳои дӯстона бо намояндагони ҷинси муқобил бояд оиди якчанд саволҳои асосӣ фикр кунем.

1. Саволи аввалин бояд чунин бошад: «Оё ин дӯстӣ ба таълимоти Китоби Муқаддас мувофиқат хоҳад кард?» Агар шарики оянда шахси беимон бошад, масеҳӣ набояд оиди ин дуо кунад. Ба мо аниқ гуфта шудааст: «Зери юғи бегона бо якҷоягии беимонон сар хам накунед» (2Қӯринтиён 6:14). Бисёр масеҳиён гумон мекунанд, ки бо наҷотнаёфтагон оиладор шуда, кори дуруст мекунанд. Ё худро бовар мекунонанд, ки он шахсон аз олами боло зода хоҳанд шуд. Ин беақлист. Худо ба никоҳҳои омехта муқобил аст. Ҳангоме ки Шимшӯн духтари бутпарастро дӯст дошт, гуфт: «Вай дар чашми ман писанд омад». Ӯ бояд мепурсид: «Оё вай дар чашми Худо писанд меояд» (Доварон 14:3).
2. Саволи дуюм: «Оё бо ин шахс оила барпо кардан мехоҳам?» Дар назари аввал савол шояд аҷиб тобад, аммо оиди он фикр кунед. Ҷавонписаре ба духтаре таваҷӯҳ мекунад, аммо нисбати вай ҳиссиёти ҳақиқӣ надорад. Аз афташ, ӯ бо кадом як сабаб медонад, ки ҳамсари худ будани вайро намехоҳад. Ӯ кӯшиш мекунад бо он духтар муносибати дӯстона кунад. Аммо бо мурури он ки онҳо бо ҳам муошират мекунанд, ҳиссиётҳои онҳо қавитар мегарданд, ва онҳо гумон мекунанд, ки ин муҳаббат аст, ва ба зудӣ оиладор мешаванд. Аммо мо бояд ҳамеша оиди чунин огоҳӣ андеша кунем: «Дӯстиеро, ки ба муҳаббат ва оиладорӣ табдил додан намехоҳед, барпо накунед».
3. Чунин савол додан муҳим аст: «Оё ману вай шавқу ҳавасҳои умумӣ дорем?» Оё мо метавонем якҷоя дуо кунем ва Каломи Худоро хонем? Оё ин шахс дар хизмат ба Худованд ба ман ёрӣ медиҳад? Ҳамоҳангии ақлӣ ва рӯҳонӣ қисмҳои таркибии никоҳи хуб мебошанд. Дилписандӣ ва зебоии зоҳирӣ аксаран ба ҷои аввал мебароянд ва омилҳои дигар фаромӯш карда мешаванд.
4. Ва ниҳоят: «Оё муносибатҳоямон интихоби Худо барои ҳар дуи мост?» Ин саволи муҳимтарин аст. Оқилона муҳокимаронӣ кардани ҷавонони ошиқ душвор аст, чунки ба онҳо ҳиссиётҳояшон халал мерасонанд. Метавонед ба се саволи аввал ҷавоби мусбат диҳед, аммо имкон дорад, ки муносибатҳои шумо ба ҳар ҳол интихоби Худо набошанд. Ҳатман аниқ кунед, ки хости Худо кадом аст.

Агар ба хости Худо шубҳа надошта бошед, метавонед оиди номзадӣ фикр кунед. Пас аз он давраи санҷиши вафодорӣ ба ҳамдигар меояд. Ва агарчи номзадӣ ҳанӯз никоҳ нест, худи раванд хеле ҷиддӣ аст, ва ба он сабукфикрона муносибат кардан мумкин нест. Муносибати бепарвоёна ба номзадӣ аксаран боиси натиҷаҳои ғамангез ё ҳатто фоҷиа мешавад. Барои масеҳиён махсусан муҳим аст, ки дар ин маврид ба дигарон намуна нишон диҳанд.

## Муносибатҳои дӯстона

Дар робита бо фаъолияти иҷтимоӣ се қоидаро дар ёд бояд дошт:

1. Ба намунаи ин ҷаҳон ва ҳамаи он чи одамони наҷотнаёфта мекунанд, пайравӣ накунед. Муҳаббат барои бисёриҳо чунон ночиз метобад, ки онҳо ҳама чизро танҳо аз хоҳишҳо ва шаҳватҳои ҷисмонӣ иборат меҳисобанд. Чунин рафтор барои масеҳӣ сазовор нест – ин барои ӯ хатарнок аст (2Тимотиюс 2:22; 1Петрус 2:11). Чунин рафтор бо оташ бозӣ кардан аст. Ҳангоме шахс бо оташ сарукор дорад, ҳар қадар устувор бошад ҳам, аз он эмин буда наметавонад (Масалҳо 6:27).

   Дар ҳақиқат, шахси имондор бояд «аз ҳар гуна бадӣ» барканор бошад (1Таслӯникиён 5:22). Ин маънои онро дорад, ки ӯ бояд чунон рафтор намояд, ки ҳатто ба гӯшаи хотири касе наояд, ки ӯ бадӣ мекунад. Бояд ба ҳеҷ кас баҳонае надиҳед, ки оиди Худовандатон бадгӯӣ кунад.

2. Ба ин ҷаҳон гӯш надиҳед. Ҷавонон ошкоро даъват карда мешаванд, ки ба хоҳишҳо ва ҳиссиётҳои худ дода шаванд. Ҳама бар покӣ механданд. Тамоми намудҳои бадахлоқӣ, ҳам то никоҳ ва ҳам пас аз никоҳ, як чизи табиӣ ва ҳатто барои бадан даркорӣ ҳисобида мешавад (1Петрус 4:2-5). Масеҳиёни ҷавон набояд ба ин дурӯғи шайтон дода шаванд (Эфсӯсиён 5:3,5). Шумо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошед, ки баданҳои шумо парастишгоҳи Рӯҳи Пок аст (Ӯ дар шумо сокин аст) (1Қӯринтиён 6:19). Ва кӯшиш кунед, ки ба фармудаи Худо итоаткор бошед: «Худро пок нигоҳ дор» (1Тимотиюс 5:22).

3. Бо ин ҷаҳон бародарӣ накунед (бо наҷотнаёфтагон чунон рафтор накунед, ки гӯё онҳо бародарони шумо бошанд). «Ёрони бад ахлоқи некро фосид (вайрон) мекунанд» (агар ба наҷотнаёфтагон гӯш диҳед, монанди онҳо рафтор мекунед)

(1Қӯринтиён 15:33). Агар дар байни наҷот-наёфтагон дӯстон интихоб кунед, ҳатман зери таъсири фикру ақидаҳои онҳо мемонед (2Қӯринтиён 6:17-18).

Боз як хатари калон – афтодан ба дасти одамони баде ки дигаронро ба ҳаёти бадахлоқона ҷалб карда, аз ин шод мешаванд (Румиён 1:32). Ҷаҳон аз одамони бад пур аст, ки онҳо тамоми воситаҳоро истифода мебаранд, то ҷавонҳоро фиреб дода, водор намоянд, ки баданҳои худро барои мақсадҳои гуноҳолуд истифода баранд.

Китоби Масалҳо дар ин маврид хеле фоиданок аст, ва он бояд барои ҳар як имондори ҷавон дастуруламал бошад. Дар он шумо насиҳатҳоро оиди «аз зани ғайр (бегона)» барканор будан пайдо мекунед (Масалҳо 2:16-19; 5:4-14,20,21; 6:24-28; 23:27-28). Дар ин китоб шумо ҳамчунин бисёр насиҳатҳои парҳезгорона, хирадмандона ва амалиро пайдо мекунед.

Чуноне ки мебинед, Каломи Худо барои масеҳиёни ҷавон сарчашмаи бузурги ёрӣ аст. Агар Китоби Муқаддасро ҳар рӯз хонда, оиди он фикр кунем, ҳеҷ гуна бадахлоқии ин ҷаҳон моро вайрон карда наметавонад. Мо тирҳои оташинеро, ки шайтон сӯи мо равона мекунад, боздошта метавонем.

Роҳи хушбахтии ҳақиқӣ ҳамеша роҳи итоат ба Худованд аст. Агар мо дӯстиамонро мувофиқи хости Ӯ барпо намоем, ҳаётамон аз некӯиҳое ки Ӯ ба мо медиҳад, пур хоҳад шуд. «Касони ростравро аз некӯӣ маҳрум нахоҳад кард» (Забур 83:12).

**ДАРСИ 11**

# Хона! Дурахши осмонҳо

Худо никоҳро барои ҳамаи инсоният муқаррар намуда буд. Бинобар ин мо оиди он на чун анъанаи масеҳӣ, балки умумиинсонӣ гап мезанем.  Аммо барои масеҳиён он аҳамияти махсус пайдо мекунад, зеро чун намунаи иттиҳоди Масеҳ бо Ҷамоати Ӯ истифода мешавад (Эфсӯсиён 5:23-24,32).

## Никоҳи аз ҷониби Худо муқарраршуда

Дар ин курс ба масъалаи никоҳ пурра рӯшанӣ андохтан имкон надорад, аммо дар зер таълимотҳои муҳимтарини Китоби Муқаддас оиди никоҳ пешкаш карда шудаанд.

1. Аввалан, онро ҳанӯз пеш аз он ки гуноҳ ба ҷаҳон биёяд, Худо муқаррар карда буд (Ҳастӣ 2:24). Ва агарчи шайтон мехост онро пурра таҳриф (вайрон) кунад, Китоби Муқаддас ба мо аниқ мегӯяд, ки никоҳ хуб аст (1Тимотиюс 5:14). Он барои ҳама шараф аст (Ибриён 13:4). Китоби Муқаддас ба никоҳ бо эҳтиром муносибат мекунад, ва масеҳӣ бояд оиди он бо эҳтиром фикр кунад ва гап занад, то ки ҳеҷ касро таҳқир накунад.
2. Хости Худо аз он иборат аст, ки аксари одамон дар никоҳ бошанд. «Ва Худованд Худо гуфт: “Хуб нест, ки одам танҳо бошад; пас барояш мададгоре ки ба вай мувофиқ бошад, биофарам”» (Ҳастӣ 2:18).
3. Одамоне ҳастанд, ки бо сабабҳои гуногун оиладор намешаванд (Матто 19:12). Баъзеҳо, масалан, барои Подшоҳии Худо оиладор нашуда мемонанд. Дуруст гуфта шудааст: «Ҳар кас ба муҳаббат ҳақ дорад, аммо баъзеҳо бояд ба он омода шаванд, ки барои Масеҳ ва Хушхабари Ӯ аз ин имтиёз даст кашанд». Аммо агар Худо одамро даъват кунад, ки тамоми умр беоила монад, Ӯ барои чунин зиндагӣ ҳамаи баракатҳоро медиҳад. Ғайр аз ин, шахсе ки ба чунин зиндагӣ даъват шудааст, онро қурбонӣ ба Худованд намеҳисобад.
4. Худо никоҳро ба нақша гирифта, се мақсад дошт:
   а) Ба офаридаи Худ имкон диҳад, ки дар муҳаббат мушоракати ҳаррӯза дошта бошад, аз ёрии шахсони наздик истифода барад ва дилашро ба ҳамсараш кушода тавонад (Ҳастӣ 2:18).
   б) Ба воситаи таваллуди кӯдакон насли одамиро давом диҳад (Ҳастӣ 1:28; 9:1). Дар иттиҳоди никоҳӣ марду зан бо ёрии Худо шариконе мебошанд, ки ба ҷаҳон ҳаёти нав медиҳанд. «Инак, фарзандон мерос аз ҷониби Худованд ҳастанд; самари батн муздест аз ҷониби Ӯ. Чӣ гунае ки тирҳо дар дасти зӯровар аст, он гунаанд фарзандони айёми ҷавонӣ. Хушо марде ки тирдонашро аз онҳо пур карда бошад!» (Забур 126:3-5).

в) Бадахлоқӣ (алоқаҳои ҷинсии берун аз никоҳ) (1Қӯринтиён 7:2) ва худдорӣ накарданро (1Қӯринтиён 7:9) пешгирӣ кунад. Боби сеюми Номаи якум ба Қӯринтиён нуқтаи назари тамоми Китоби Муқаддасро нисбати никоҳ баён мекунад. Бо диққат омӯхтани ин боб барои ҳар як масеҳӣ фоиданок аст.

5. Масеҳӣ бояд «дар Худованд» оиладор шавад (1Қӯринтиён 7:39). «Дар Худованд» чӣ маъно дорад? Ин маънои онро дорад, ки ҳамсаре ки интихоб мекунед, бояд имондор, яъне аз олами боло зодашуда бошад, ва оиладории шумо ба Худованд писанд меомада бошад. Шумо *бояд* ҳукми Масеҳро дар ин масъала қабул кунед ва ба он пайравӣ намоед. Дигар хел карда гӯем, бо масеҳӣ оиладор шудан кифоя нест; ин шахс бояд масеҳие бошад, ки Худо интихоб кардааст.
6. Хатаре ҳаст, ки кас шитобкорона оиладор мешавад. Шояд шумо чунин зарбулмасалро шунидаед: «Дар оиладоршавӣ шитоб кунӣ, дар пушаймонӣ хоҳӣ зист» Ин суханонро шумо дар Китоби Муқаддас намеёбед, аммо ин ҳақиқатан дуруст аст – касоне ки шитобкорона оиладор мешаванд, баъд аксаран пушаймон мешаванд.
7. Оила иттиҳодест, ки то даме шавҳар ва зан зиндаанд, онро вайрон кардан мумкин нест (Матто 19:6; Румиён 7:2-3); 1Қӯринтиён 7:39). Танҳо мавриде истисно буда метавонад, ки яке аз ҳамсарон хиёнат кунад (Матто 5:32; 19:9), аммо талоқ дар маврилҳои дигар ба таълимоти Китоби Муқаддас мувофиқат намекунад.

# Маслиҳати некро ҷӯед

Барои масеҳиёни ҷавон дар масъалаи никоҳ ва оила ҳамеша саволҳо пайдо мешаванд – ҳамаи ин саволҳоро дар ин ҷо таҳлил кардан имкон надорад. Аммо ин саволҳо хеле муҳиманд. Бисёр вақт ҷавононро даъват мекунанд, ки дар сарчашмаҳои дунявӣ маслиҳат ҷӯянд, ки маълумоти онҳо на ҳамеша фоиданок аст.

Бинобар ин мо сарчашмаҳои зерини маълумотро пешниҳод мекунем:

1. Падару модари шумо. Китоби Муқаддас ҳамеша мегӯяд, ки фарзандон бояд пеш аз ҳама дар оила тарбия ёбанд. Падару модари имондор, ки ба ин эҳтиёҷот ҷавобгӯ нестанд, вазифаи худро иҷро намекунанд (Такрори Шариат 11:19; Ишаъё 38:19).

2. Китоби Муқаддас. Масеҳии ҷавон дар он ҳамаи он чиро, ки Худо дар ин мавзӯъ мегӯяд, пайдо мекунад.
3. Дӯсти имондор, ки пеши Худо қадамгузор аст. Агар пири парҳезгори ҷамоат бошад, аз ӯ пурсед. Ба маслиҳатҳо ва насиҳатҳои ӯ пайравӣ карда метавонед.
4. Духтуре ки шумо ба ӯ боварӣ карда метавонед, – беҳтараш масеҳӣ бошад. Агар маслиҳатҳои ҳама гуна духтур нисбати оила ва никоҳ фоиданок бошад, маслиҳати духтури имондор боз ҳам фоиданоктар мебошад.
5. Адабиёти масеҳӣ. Дар мағозаҳо ва китобхонаҳо китобҳои хуб ёфтан мумкин аст, ки имондорони мутахассиси ин соҳа навиштаанд. Онҳо барои шумо хеле фоиданок буда метавонанд.

## Оилаи масеҳӣ

Китоби Муқаддас ба мо оиди оила ва муносибатҳои оилавӣ бисёр мегӯяд. Вазифаҳои ҳар як узви оила дар он хеле аниқ навишта шудаанд. Инак якчанд мисол:

1. Вазифаи шавҳар нисбати зан – дӯст доштани ӯ (Эфсӯсиён 5:25; Қӯлассиён 3:19); ӯро эҳтиром намудан (1Петрус 3:7); дар ҳаққи ӯ чун дар ҳаққи худ ғамхорӣ кардан (Ҳастӣ 2:23; Матто 19:5); ба ӯ вафодор будан (Малокӣ 2:14-15); тасалло додан ба ӯ (1Подшоҳон 1:8).
2. Вазифаи зан нисбати шавҳар – дӯст доштани ӯ (Титус 2:4); эҳтиром намудани ӯ (Эфсӯсиён 5:33); ба ӯ вафодор будан (1Қӯринтиён 7:3-5, 10); ба ӯ итоат намудан (Эфсӯсиён 5:22-24); ба ӯ гӯш додан (Титус 2:5);
3. Вазифаи падару модар нисбати фарзандон – дӯст доштани онҳо (Титус 2:4); онҳоро сӯи Масеҳ ҳидоят кардан (Матто 19:13-14); ба хизматгузорӣ тайёр кардани онҳо (Масалҳо 22:6; Эфсӯсиён 6:4); дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ намудан (2Қӯринтиён 12:14; 1Тимотиюс 5:8); роҳнамоӣ ва ислоҳ намудан (Масалҳо 13:24; 19:18; 23:13; 29:17; Ибриён 12:7); бо муносибати нодуруст хашмгин накардани онҳо (Эфсӯсиён 6:4; Қӯлассиён 3:21).
4. Вазифаи фарзандон нисбати падару модар – гӯш додан ба насиҳатҳои онҳо (Масалҳо 1:8-9); эҳтиром намудани онҳо (Хуруҷ 20:12; Ибриён 12:9); тарсидан аз онҳо/ҳурмат кардан

(Ибодат 19:3); ба онҳо итоат намудан (Масалҳо 6:20; Эфсӯсиён 6:1); ғамхорӣ кардан ҳангоми пир шудан ё мӯҳтоҷ шудани онҳо (1Тимотиюс 5:4);

Ва дар охир. Ҳар яки мо бояд ҷои махсуси оилавӣ дошта бошем, ки ҳар рӯз дар он ҷо Китоби Муқаддасро хонем ва дар бораи мундариҷаи он муҳокимаронӣ кунем, ва низ бо тамоми аҳли оила дуо гӯем. Худованд касонеро, ки ин амалияро самимона пайравӣ мекунанд, баракат медиҳад.

**ДАРСИ 12**

# Роҳи Худро ба ман ошкор намо, эй Худованд

## Дар бораи хости Худо андеша кунед

Ба маънои муайян ҳар як имондори ҳақиқӣ бояд корманди Худованд бошад. Меҳнати ҳаррӯзаи ӯ ҳар навъе ки бошад, ӯ бояд онро барои Худованд ба ҷо оварад. Аммо Рӯҳи Пок имондорони алоҳидаро ба таври махсус барои хизмат ҷудо мекунад (Аъмол 13:2). Ин даъват хизматро дар кишвари худ ва дар хориҷи он дар бар гирифта метавонад, аммо дар ҳар ҳолат он махсус аст. Ин ба шахс имкон медиҳад боварӣ дошта бошад, ки маҳз Худо ӯро ба ин меҳнат даъват кардааст.

Бисёриҳо чунин меҳисобанд, ки барои хизмат маълумоти илоҳиётшиносӣ доштан даркор аст. Аммо маълумотнокӣ худ аз худ ҳеҷ гоҳ шахсро ходими Исои Масеҳ намекунад. Маълумотнокӣ барои шахсе ки аз ҷониби Худо даъват шудааст, фоиданок буда метавонад, аммо як худи маълумотнокӣ кифоя нест.

Баъзеҳо чунин меҳисобанд, ки маросими расмии дастгузорӣ ба онҳо қувват ва ҳуқуқи махсуси хизматгузориро (таълим додан ва мавъиза намудани Каломи Худоро) медиҳад. Ин нодуруст аст, чунки ҳар маросиме ки инсон фикр карда баровардааст, бе «дастгузории тавонои дастони сӯрохшуда» маъное надорад.

## Хости Худоро ёбед

Агар шахс ҷиддӣ ва самимона оиди хизмати масеҳӣ фикр кунад, бояд чӣ кунад? Қадами аввал аз он иборат аст, ки ҳамеша ба Худо итоаткор бошад (1Подшоҳон 3:9). Чунин итоат амале нест, ки як бор иҷро карда шавад, он амали ҳамешагӣ аст. Шумо бояд ба Худо итоат кунед, бояд чунон бошед, ки Худо шуморо ҳамон гуна дидан мехоҳад, ва ҳамаи он корҳоеро, ки Ӯ аз шумо интизор аст, ба ҷо оваред. Ҳатто агар Худо ҳеҷ гоҳ шуморо ба хизмат дар ягон кишвари дур даъват накунад ҳам, Ӯ подоши (музди/мукофоти) омодагӣ ва хоҳиши ба кишвари дигар кӯчидани шуморо медиҳад, мисли он ки шумо ҳақиқатан ба ягон кишвар раҳсипор шуда бошед (3Подшоҳон 8:18).

Қадами дуюм – шумо бояд дар робитаи зич бо Худо зиндагӣ кунед, ҳам ба воситаи дуо ва ҳам бо омӯхтани Каломи Ӯ. Албатта, ин вазифаи ҳар як масеҳӣ аст, аммо агар ба даъвати Худо оиди меҳнати махсус гӯш андохтан хоҳед, хусусан бояд дар ин ҷода кӯшиш кунед.

Баъд, роҳнамоии Худоро интизор шуда, шумо бояд ба Ӯ вафодорона хизмат кунед. Пеш аз он ки ба Худо дар кишвари дур хизмат кунед, бояд дар хизмат ба оилаатон вафодории худро нишон диҳед. Суханони Наҷотдиҳандаро ба ёд оваред: «Ба хона назди хешу табори худ бирав ва хабар деҳ аз он чи, ки Худованд бо ту кардааст, ва чӣ гуна ба ту раҳм намудааст» (Марқус 5:19). Агар шумо аҳли хонаводаи худро назди Худованд оварда натавониста бошед, ба кишвари дур рафтан лаёқати шуморо зиёд намекунад. Аксаран ба наздикони худ оиди Худованд гувоҳӣ додан душвортар аст. Ба хешовандону дӯстон оиди Ӯ гап задан осон нест. Худованд ба шогирдони Худ гуфта буд, ки Инҷилро пеш аз ҳама *дар Уршалим*, баъд дар тамоми Яҳудо ва Сомария, ва пас аз он дар гӯшаҳои дурдасти замин мавъиза кунанд (Аъмол 1:8). Шумо бояд аз Уршалими худ, аз шаҳри худ, аз оилаи худ сар кунед.

Аммо шитоб накунед. Агар хости Худо ба шумо ошкор шуда бошад, дарҳол ба ҳарбу зарб шитобидан даркор нест. Бисёр касон гумон мекунанд, ки баробари шунидани даъвати миссионер онҳо дарҳол бояд ягон коре кунанд. Онҳо бояд ба қурбонгоҳ об рехтанро ёд гиранд, чуноне ки Илёс мекард (3Подшоҳон 18:33). Мо дар назар дорем, ки онҳо бояд шитоб накунанд: ин ба онҳо имкон медиҳад, то донанд, ки Худо онҳоро ба куҷо равона кардан мехоҳад.

Ҳангоме ки ба роҳнамоии Худо боварӣ ҳосил мекунед, дар мушоракат (сӯҳбат/муоширoт) бо масеҳиёни дигар хирадмандтар мешавед, аз онҳо хоҳиш мекунед, ки бо шумо дуо гӯянд, ба шумо маслиҳат диҳанд. Дар ҷамоати худ ба касоне муроҷиат кунед, ки шуморо хуб мешиносанд ва медонанд, ки кадом атоҳо ва лаёқатҳоро доред. Шояд ба шумо чунин тобад, ки атои воизӣ доред, аммо аҳли ҷамоат медонанд, ки шумо чунин ато надоред. Бинобар ин ҳар имондоре ки худро пурра ба Худованд супоридан мехоҳад, бояд фикр ва маслиҳати имондорони таҷрибанокро бо диққат андешад.

Бояд гуфт, ки ҳар як ходими Масеҳ бояд бо ҷамоати маҳалли зисти худ робитаи зич дошта бошад. Дар ҳеҷ ҷои Инҷил дар бораи ходимони мустақил гуфта нашудааст. Ҳар яке бояд ба ҷамоати худ вобаста бошад, ки он рафтору кирдор ва таълимдиҳии ӯро медонад ва ҳақ дорад ислоҳ намудани он чиро, ки ба Китоби Муқаддас мувофиқат надорад, талаб кунад. Аз чунин ғамхорӣ ҷудо шудан маънои ба ҳолати хатарнок гузоштани худро дорад.

# Хости Худоро донед

Агар Худо гоҳо бо шумо гап занад, шумо инро хоҳед донист. Даъвати Ӯ чун «ба китфатон ба аломати таҳсин тап-тап задани дастони Ӯ» ва чун «хабардиҳии ниҳонии хости Худо» аст. Рӯҳи Пок ба шумо имкон медиҳад инро пурра ҳис кунед ва фаҳмед, ки бояд амал кунед, вагарна беитоатӣ зоҳир мекунед. Шумо ба хости Ӯ чунон боварӣ хоҳед дошт, ки он чи мушкилии ҳалнашаванда метофт, бароятон хандаовар мешавад. Шумо бо боварии комил, ки Масеҳ ҳама чизи бароятон даркориро фароҳам меоварад, амал намуданро сар мекунед. Шумо *бояд* равед, чунки наметавонед дар ҷоятон монед (1Қӯринтиён 9:16).

Бе ин даъвати Худо ҳеҷ кор карда наметавонед! Танҳо бевосита ба дили шумо ошкор шудани хости Худо метавонад даъвати Худо бошад. Эҳтиёҷи ин ҷаҳони ҳалокшавандаро даъват ҳисобидан лозим нест, ҳамчунин суханони пурэҳсоси воизро. Ба шумо танҳо хости Худо даркор аст, ки дар дилатон бо шумо гап мезанад.

Қадами навбатӣ, албатта, итоаткорӣ аст.

*Ман шунидам даъвати Ӯро:*
*Гап ҳамин, «Аз пайи Ман биё».*

*Молу пул ҳеҷ шуд дар назарам,*
*Ва ман аз пайи Масеҳ рафтам.*
*Ман бархестаму равон шудам,*
*Ана ҳама он чи ман кардам.*
*Кист, ки аз пайи Ӯ наравад,*
*Чун даъвати Ӯро шунавад?!*

## Иҷро намудани хости Худо

Барои касоне ки ба даъвати Худо ҷавоб дода, ба роҳи хизмати масеҳӣ даромадаанд, мо се маслиҳат дода метавонем:

1. Меҳнатеро, ки Худо ба *шумо* супурдааст, ба ҷо оваред, ва ба он чи масеҳиёни дигар мекунанд, нигоҳ накунед. Ҳиссиёти манфӣ нисбати масеҳиёни дигар ва меҳнати онҳо танҳо зарар меоваранд (Ибриён 12:15). Ба ҳамаи онҳое ки аз дастовардҳои дигарон норозӣ ҳастанд, Худованд мегӯяд: «Ин ба ту чӣ дахл дорад? Аз пайи Ман биё» (Юҳанно 21:22).
2. Ба ягон хел хизмати «бузург», ки диққати дигар одамонро ба шумо ҷалб карда метавонад, кӯшиш накунед. «Носира маҳалли назарногир буд, Ҷалил низ ҳамчунин». Гоҳо мо натиҷаҳои даркории меҳнатамонро намебинем ва дар бораи кори «бузург» орзу мекунем. Баъди солҳо мо мефаҳмем, ки тамоми ин муддат Худо дар мо аз он чи гумон доштем, хеле самараноктар кор мекард.
3. Дар бораи кори худ суханҳои ифтихормандона нагӯед! Ҳатто дақиқаҳои пуршукӯҳтарин сазовори таърифу таҳсин нестанд (Луқо 17:10). Аз мо вафодорӣ талаб карда мешавад, дар бораи натиҷаҳо бошад Худо ғамхорӣ мекунад. Касе хеле хуб гуфтааст: «Дар бораи натиҷаҳои меҳнати худ дар осмонҳо шунидан беҳтар ва бехатар аст» (1Қӯринтиён 3:8).

Дар бораи гувоҳии ҳар як ходими даъватшудаи Худо яке аз онҳо хеле хуб гуфтааст: «Ман хизмати худро дӯст медорам. Дар хизмати худ ман хурсандии бузург ба даст меоварам. Ман медонам, ки ҳеҷ чиз қувват ва вафодории маро аз хизматам дур накардааст ва дур карда наметавонад. Дар вуҷуди ман танҳо як шавқ ҳаст, ва ман тамоми ҳаёти худро ба он бахшидаам – меҳнати беандоза душвор, вале пуршарафи эълон намудани муҳаббати Худованд ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ».